Аввалин доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон аз ҷониби Н.П. Корнейчук [41] барои фазои $C(0, 2\pi]$ соли 1962 ва аз ҷониби Н.И. Черных [77, 78] барои фазои $L_2(0, 2\pi]$ соли 1967 ба даст оварда шудаанд. Баъд аз натиҷаҳои Н.П. Корнейчук ва Н.И. Черных таваҷҷӯҳ ба ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин ва дар дигар фазоҳои банахӣ ба миён омад. Соли 1992 Н.И. Черных [79] нобаробарии аниқи Ҷексон–Стечкинро дар фазои $L_p(0, 2\pi)$, $1 \leq p < 2$ исбот карда буд. Қимати аниқи доимиҳо, ки дар нобаробарихои Ҷексон истифода бурда мешаванд, аз ченаки фазое вобаста мебошанд, ки дар он наздикшавӣ анҷом дода мешавад ва инчунин ба қимати аргумент дар модули бефосилагӣ, ки дар наздиккунӣ ба кор бурда мешавад, вобаста мебошанд. Соли 1979 Н.И. Черных [114] қимати минималии аргументро дар модули бефосилагӣ муайян кард, ки барояш доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексон–Стечкин дар фазои $L_p(-\pi, \pi]$ ба ҳадди глобалии минимум мерасад. Ёфтани чунин аргументҳо, ки онҳоро *аргументҳои оптималӣ* ё *нуқтаҳои Черных* меноманд, ба масъалаҳои муҳими экстремалӣ дар назарияи наздиккунии функсияҳо табдил ёфтанд.

Бояд гуфт, ки дар давраҳои гуногун ба омӯзиши ин мавзуъ олимони зерин: В.И. Бердышев [13], В.В. Жук [30–32], В.В. Арестов ва В.Ю. Попов [3], А.Г. Бабенко [5–10], В.И. Иванов [34–40], А.А. Лигун [45–50], Л.В. Тайков [65–69], В.А. Юдин [102–105], С.Б. Вакарчук [15–20,23], С.Б. Вакарчук ва В.И. Забутная [21–24, 124], В.В. Шалаев [101], М.Ш. Шабозов [82, 84, 96, 99, 100], М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [85,86], М.Ш. Шабозов ва С.Б. Вакарчук [87] ва бисёр математикони дигар машғул буданд.

Дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар солҳои охир комёбиҳои назаррас ҳам дар соҳаи ҳақиқӣ ва ҳам дар соҳаи комплексӣ ба даст омадаанд. Дар як қатор фазоҳои мушаххаси банахӣ ҳалли масъалаи гузошташуда то доимиҳои аниқ расонида шудааст, яъне натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст оварда шудаанд. Усулҳои нави тадқиқи масъалаҳои экстремалӣ таҳия шудаанд, ки бар асоси фактҳои амиқи назарияи умумии фазоҳои банахӣ ва омӯзиши хусусиятҳои нозуки синфи мушаххаси функсияҳо қарор доранд. Дар ин ҳолат, усулҳое, ки бо истифодаи сохторҳои дохилии фазоҳои нормиронидашудаи муқарраршуда алоқамандaнд, хеле самараноктар баромаданд. Самаранокии усулҳои зикршуда бештар дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар фазоҳои муқарраршуда барои синфҳои функсияҳои даврӣ зоҳир мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои экстремалии ёфтани сарҳади болии наздиккунии беҳтарини муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайниии онҳо дар баъзе синфҳои функсияҳое, ки тавассути модули бефосилагии умумикардашуда муайян мегарданд, мавриди тадқиқ қарор дода мешаванд. Хусусан, усулҳои наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо баррасӣ шуда, доимимҳои аниқ дар нобаробариии намуди Ҷексон–Стечкин бо модули бефосилагии умумикардашуда ҳисоб карда мешаванд. Илова бар ин, қимати аниқи наздиккунии муштараки беҳтарини баъзе синфи функсияҳо муайян карда мешаванд.

Ёфтани доимиҳои аниқ ва умуман, ҳалҳои аниқи масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунӣ нақши муҳим мебозанд, зеро аксар вақт ҳар як масъалаи нави аниқи ҳалшудаи экстремалӣ ба ягон усули нави ҳалли масъала оварда мерасонад.

§ 2.1. Мафҳумҳои асосӣ ва таърифҳои ибтидоӣ

Пеш аз ҳама, далелҳо, қайдҳо ва таърифҳои маълумро пешниҳод мекунем, ки дар оянда онҳоро истифода хоҳем кард.

Ба воситаи $\mathbb{N}$ – маҷмуи ададҳои натуралӣ; $\mathbb{Z}_+ = \mathbb{N} \cup \{0\}$; $\mathbb{R}_+$ – маҷмуи ададҳои ҳақиқии мусбат; $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ – фазои функсияҳои ҳақиқии 2π-даврии бо квадрат дар маънои Лебег интегронидашавандаро бо нормаи маҳдуди

$$\|f\| := \|f\|_{L_2} = \left(\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} |f(x)|^2 dx\right)^{1/2}$$

ишора мекунем. Маҷмуи ҳамаи бисёраъзогиҳои тригонометрии

$$T_{n-1}(x) = \frac{\alpha_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1} (\alpha_k \cos kx + \beta_k \sin kx)$$

тартиби $n-1$–ро ба воситаи $\mathcal{T}_{2n-1}$ ишора менамоем. Агар $S_{n-1}(f, x)$ – суммаи хусусии тартиби $n-1$–и қатори Фурйеи функсияи $f(x)$:

$$f(x) \sim \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{\infty} \Big(a_k(f) \cos kx + b_k(f) \sin kx\Big),$$

яъне

$$S_{n-1}(f, x) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{n-1} \Big(a_k(f) \cos kx + b_k(f) \sin kx\Big),$$

бошад, он гоҳ аз хосияти суммаҳои хусусии қатори Фурйеи функсия бараъло маълум аст, ки дар он гуфта мешавад, ки наздиккунии беҳтарини функсияи $f(x)$ дар метрикаи фазои L_2 аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрии тартиби $T_{n-1} \in \mathcal{T}_{2n-1}$ суммаи хусусии қатори Фурйе $S_{n-1}(f, x)$ фароҳам меоварад, яъне

$$E_{n-1}(f):=E_{n-1}(f,\mathcal{T}_{2n-1})_{L_2}=\inf\Big\{\|f-T_{n-1}\|:T_{n-1}(x)\in\mathcal{T}_{2n-1}\Big\}=$$

$$=\|f-S_{n-1}(f)\|=\left\{\sum_{k=n}^{\infty}(a_k^2(f)+b_k^2(f))\right\}^{1/2}=\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}, \qquad (2.1.1)$$

ки дар ин ҷо барои мухтасарӣ $\rho_k^2(f)=a_k^2(f)+b_k^2(f),\ k\geq n$ гузошта шудааст ва $a_k(f)$, $b_k(f)$ – косинус- ва синус-коэффисиентҳои Фурйеи функсияи $f\in L_2$ мебошанд.

Бо $L_2^{(r)}$ $(r\in\mathbb{Z}_+,\ L_2^{(0)}=L_2)$ маҷмуи функсияҳои $f\in L_2$, ки барояшон ҳосилаи тартиби $(r-1)$-ум, яъне $f^{(r-1)}$ мутлақ бефосила буда, ҳосилаҳои тартиби r-ум, яъне $f^{(r)}\in L_2$ мебошанд, ишора мекунем.

Модули бефосилагии тартиби m-уми дилхоҳ функсияи 2π-даврии ченшаванда ва бо квадрат суммиронидашавандаи $f(x)\in L_2$ – ро бо баробарии

$$\omega_m(f,t)=\sup\Big\{\ \big\|\Delta_h^m f(\cdot)\big\|:\ |t|\leq h\Big\} \qquad (2.1.2)$$

муайян мекунем, ки дар ин ҷо

$$\Delta_h^m f(x)=\sum_{k=0}^{m}(-1)^{m-k}\binom{m}{k}f\Big(x+(m-k)h\Big) \qquad (2.1.3)$$

– фарқияти тартиби m-уми функсияи f дар нуқтаи x бо қадами h мебошад.

Бо истифода аз мулоҳизаҳое, ки дар монографияи [28, с.157-165] оварда шудаанд, бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки барои модули бефосилагии тартиби m-ум (2.1.2) ҳамаи хосиятҳои модули бефосилагии тартиби олӣ иҷро мешаванд.

Баробарии Парсевалро барои функсияи $f \in L_2$ татбиқ намуда, бо осонӣ ифодаи

$$\|\Delta_h^m f(\cdot)\|^2 = \left\|\sum_{k=0}^{m}(-1)^{m-k}\binom{m}{k}f(\,\cdot+(m-k)h)\right\|^2 =$$

$$= 2^m\sum_{k=1}^{\infty}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m$$

– ро исбот кардан мумкин аст. Аз ин ҷо дар асоси баробарии (2.1.2) формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\omega_m^2(f,t) = 2^m\sup\left\{\sum_{k=1}^{\infty}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m:\ |h|\le t\right\}. \tag{2.1.4}$$

Агар функсияи $f \in L_2^{(r)}$ ($r \in \mathbb{Z}_+$, $L_2^{(0)} = L_2$) бошад, он гоҳ аз баробарии формалии

$$f^{(r)}(x) = \sum_{k=1}^{\infty}k^r\left(a_k(f)\cos\left(kx+\frac{r\pi}{2}\right)+b_k(f)\sin\left(kx+\frac{r\pi}{2}\right)\right)$$

– ро истифода бурда, нишон додан мумкин аст, ки

$$\omega_m^2(f^{(r)},t) = 2^m\sup\left\{\sum_{k=1}^{\infty}k^{2r}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m:\ |h|\le t\right\}. \tag{2.1.5}$$

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои назарияи наздиккунӣ дар фазои L_2 масъалаҳои ҳисобкунии доимиҳои аниқ:

$$\chi := \chi_{m,n,r}(t) := \sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\ne\mathrm{const}}}\frac{n^rE_{n-1}(f)}{\omega_m\big(f^{(r)},t/n\big)},\quad 0<t\le 2\pi \tag{2.1.6}$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин

$$E_{n-1}(f) \le \chi\, n^{-r} \omega_m(f^{(r)}, t/n)$$

дар фазоҳои гуногуни банахӣ дар корҳои Н.П. Корнейчук [41], Н.И. Черных [77–79], В.А. Юдин [102–105], А.А. Лигун [45–50], В.И. Иванов ва О.И. Смирнов [37], Л.В. Тайков [66,68,69], А.Г. Бабенко [5–7,9], С.Н. Васильев [25], В.И. Бердышев [13], В.В. Арестов ва Н.И. Черных [114], В.В. Арестов ва В.Ю. Попов [3], В.В. Шалаев [101], С.Б. Вакарчук [19, 20, 23], М.Ш. Шабозов [82, 84, 96], М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [85, 86, 95, 120, 121], Г.А. Юсупов [106–112, 127] ва дигарон дида баромада шудааст. Шарҳи муфассал ва таърихи нобаробарии Ҷексон–Стечкин дар мақолаи В.И. Иванов [39] оварда шудааст.

Дар солҳои охир ҳангоми ҳалли як қатор масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи аппроксиматсияи функсияҳо ба ҷои модули классикии бефосилаи тартиби m-ум (2.1.2) дар бисёр ҳолатҳо модификатсияҳои гуногуни он истифода бурда мешаванд. Истифодаи намудҳои гуногуни модули бефосилагӣ аз шартҳои махсуси масъалаҳои мавриди баррасишаванда вобаста буда, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои пурмазмуне ба даст оварда шаванд, ки моҳияти масъалаҳои тадқиқшавандаро ошкор кунанд.

Яке аз модификатсияҳои модули бефосилагии (2.1.2) ба истифодаи оператор-функсияи Стеклов

$$S_h(f, x) = \frac{1}{2h} \int\limits_{-h}^{h} f(x+\tau)d\tau, \quad h > 0$$

асос ёфтааст. Символҳои зеринро дохил мекунем: $S_{h,k}(f) := S_h\big(S_{h,k-1}(f)\big)$, дар ин ҷо $k\in\mathbb{N}$ и $S_{h,0}(f)\equiv f$, $\mathbb{I}$ — оператори воҳидӣ дар фазои L_2 мебошад. Мувофиқи кори Абилов В.А. ва Абилова Ф.В. [1] фарқиятҳои умумии тартиби якум ва олиро ба тарзи зерин муайян мекунем:

$$\widetilde{\Delta}_h^1(f,x):=S_h(f,x)-f(x)=\big(S_h-\mathbb{I}\big)(f,x),$$

$$\widetilde{\Delta}_h^k(f,x):=\widetilde{\Delta}_h^1\big(\widetilde{\Delta}_h^{k-1}(f,x)\big)=\big(S_h-\mathbb{I}\big)^k(f,x)=$$

$$=\sum_{k=0}^{n}(-1)^{n-k}\binom{n}{k}S_{h,k}(f,x),$$

ки дар ин ҷо $n=2,3,\ldots$. Барои формулаҳои дохилкардашуда характеристикаи суфтагии намуди

$$\widetilde{\Omega}_m(f,t):=\sup\Big\{\big\|\widetilde{\Delta}_h^k(f,\cdot)\big\|:\ 0<h\le t\Big\} \tag{2.1.7}$$

дида баромада мешавад, ки онро *модули бефосилагии махсуси тартиби m-уми* функсияи $f\in L_2$ меноманд.

Ҳисобкуниҳои оддӣ бо ҷалби баробарии Парсевал имконият медиҳанд, ки намуди ошкори модули бефосилагии (2.1.7) ёфта шавад (ниг. масалан, [84]):

$$\widetilde{\Omega}_m\big(f,t\big)_2=\sup_{|h|\le t}\sum_{k=1}^{\infty}\rho_k^2(f)\left(1-\frac{\sin kh}{kh}\right)^{2m}. \tag{2.1.8}$$

Бо дарназардошти муносибати (2.1.8), барои ҳосилаи тартиби r-уми функсия $f^{(r)}\in L_2$ ҳосил мекунем:

$$\widetilde{\Omega}_m\big(f^{(r)},t\big)_2=\sup_{|h|\le t}\sum_{k=1}^{\infty}k^{2r}\rho_k^2(f)\left(1-\frac{\sin kh}{kh}\right)^{2m}. \tag{2.1.9}$$

§ 2.2. Доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин барои наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашаванда аз фазои L_2

Дар ин параграф шакли мушаххаси модификатсияи модули бефосилагӣ дар метрикаи фазои L_2 пешниҳод мегардад, ки бо натиҷаҳои кори диссертатсионӣ алоқаманд мебошад.

Ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунӣ ба ҷои модули бефосилагии классикии тартиби m-ум барои функсияи $f \in L_2$ баъзан қулайтар аст, характеристикаи суфтагии ба бузургии (2.1.2) эквивалентии намуди зерин

$$\Omega_m(f,t)_2 = \left\{ \frac{1}{t^m} \int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \right\}^{1/2} \tag{2.2.1}$$

истифода бурда шавад, ки дар ин ҷо $t > 0$, $\overline{h} := (h_1, \cdots, h_m)$; $\Delta_{\overline{h}}^m = \Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1$;

$$\Delta_{h_j}^1 f(x) := f(x+h_j) - f(x),\ j = \overline{1,m}.$$

Аз ҳамин сабаб, ҳисоб кардани доимии аниқ

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t) := \sup_{\substack{f \in L_2^{(r)} \\ f \neq \mathrm{const}}} \frac{n^r E_{n-1}(f)}{\Omega_m\big(f^{(r)}, t/n\big)}, \quad 0 < t \leq 2\pi \tag{2.2.2}$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкини намуди

$$E_{n-1}(f) \leq \mathbb{K}_{m,n,r}(t) \frac{1}{n^r} \Omega_m\big(f^{(r)}, t/n\big)$$

низ таваҷҷуҳи муайянро ба худ ҷалб мекунад.

Қайд мекунем, ки С.Б. Вакарчук [19] барои ҳаргуна қиматҳои $n, m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва $t \in (0, \pi/2]$ баробарии

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t) = \left\{2\left(1 - \frac{\sin t}{t}\right)\right\}^{-m/2} \tag{2.2.3}$$

исбот карда буд ва дар ҳолати хусусӣ нишон дод, ки

$$\mathbb{K}_{m,n,r}\left(\frac{\pi}{2}\right) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}. \tag{2.2.4}$$

Бояд қайд кард, ки ҳангоми омузиши масъалаҳои муҳими наздиккунӣ дар фазои метрикии L_p $(0 < p < 1)$ характеристикаи суфтагии миёнакардашуда функсияҳои намуди (2.2.1) аз ҷониби К.В. Руновский [58] ва Э.А. Стороженко, В.Г. Кротов, П. Освальд [63] мавриди баррасӣ қарор гирифта буд.

Модулҳои бефосилагии миёнакардашудаи шакли дигар қаблан дар корҳои маълуми Р.М. Тригуб ва Е.С. Белинский (ниг. масалан, [122]) дар фазоҳои L_p $(p \geq 1)$ тадқиқ шуда, эквивалентнокии сусти онҳо бо модулҳои бефосилагии классикӣ нишон дода шудааст.

Дар идома хосиятҳои характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ – ро баррасӣ менамоем, зеро онҳо, ба назари мо, дорои аҳамияти муайян мебошанд.

$\mathbf{1^0}$. $\lim\limits_{t\to 0} \Omega_m(f,t) = 0$.

Дар ҳақиқат, азбаски нормаи $\|\Delta_h^m\|$ функсияи бефосила аз тағйирёбандаҳои $h_1,\ h_2,\ \ldots,\ h_m$ мебошад, он гоҳ хосияти додашуда аз теорема дар бораи қимати миёна барои интегралҳои каратӣ мебарояд:

$$\lim_{t\to 0} \Omega_m(f,t) = \lim_{t\to 0} \left\|\Delta^1_{h_1(t)} \circ \Delta^1_{h_2(t)} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_m(t)} f\right\| = 0,$$

ки дар ин ҷо $0 < h_j(t) \leq t$ $(j = 1, 2, \ldots, m)$ — қиматҳои аз t вобаста мебошанд.

$\mathbf{2^0}$. Характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ функсияи бефосила барои $t>0$ мебошад.

$\mathbf{3^0}$. $\Omega_m(f,t) \le 2^m \|f\|$.

Дар ҳақиқат, фарқи тартиби m-ум чунин муайян карда мешавад:

$$\Delta_{\bar{h}}^m f = \Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1 f.$$

Ҳар як оператори $\Delta_{h_j}^1 f(x) := f(x+h_j) - f(x), \ j = \overline{1,m}$ мебошад. Медонем, ки барои як оператори фарқи тартиби якум баробарии

$$\|\Delta_h^1 f\| \le 2\|f\|$$

барои ҳар як қимати h мешавад, чунки

$$\|\Delta_h^1 f\|^2 = \int \left|f(x+h) - f(x)\right|^2 dx \le$$

$$\le 2\int \left|f(x+h)\right|^2 dx + 2\int \left|f(x)\right|^2 dx = 4\|f\|^2.$$

Бо истифода аз методи индуксияи математикӣ барои ҳар як марҳилаи фарқ

$$\|\Delta_{\bar{h}}^1 f\| \le 2^m \|f\|$$

зеро ки

$$\|\Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1 f\| \le 2^m \|f\|$$

мебошад. Аз ин ҷо $\|\Delta_{\bar{h}}^1 f\|^2 \le 4^m \|f\|^2$ мешавад. Он гоҳ

$$\Omega_m^2(f,t)_2 = \frac{1}{t^m}\int_0^t \cdots \int_0^t \|\Delta_{\bar{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \le$$

$$\le 4^m \|f\|^2 dh_1 \cdots dh_m = \frac{1}{t^m} \cdot t^m \cdot 4^m \|f\|^2 = 4^m \|f\|^2,$$

ё ин ки

$$\Omega_m^2(f,t)_2 \le 4^m \big\|f\big\|^2 \quad \Longrightarrow \quad \Omega_m(f,t)_2 \le 2^m \big\|f\big\|.$$

4⁰. $\Omega_m(f_1+f_2,t) \le 2\big(\Omega_m(f_1,t)+\Omega_m(f_2,t)\big)$.

Дар ҳақиқат, азбаски оператори фарқият $\Delta_{\bar h}^m f(x)$ хаттӣ мебошад, пас:

$$\Delta_{\bar h}^m\big(f_1+f_2\big)(x) = \Delta_{\bar h}^m f_1(x) + \Delta_{\bar h}^m f_2(x). \tag{2.2.5}$$

Дар ин ҷо нобаробарии

$$\|a+b\|^2 \le 2\|a\|^2 + 2\|b\|^2$$

– ро истифода бурда, аз (2.2.5) менависем:

$$\big\|\Delta_{\bar h}^m\big(f_1+f_2\big)\big\|^2 \le 2\big\|\Delta_{\bar h}^m f_1\big\|^2 + 2\big\|\Delta_{\bar h}^m f_2\big\|^2.$$

Ин нобаробариро дар формулаи (2.2.1) барои таърифи $\Omega_m(f_1+f_2,t)_2$ гузошта, меёбем:

$$\Omega_m^2(f_1+f_2,t)_2 = \frac{1}{t^m}\int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \|\Delta_{\bar h}^m(f_1+f_2)\|^2 dh_1\cdots dh_m \le$$

$$\le \frac{2}{t^m}\int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \Big(\big\|\Delta_{\bar h}^m f_1\big\|^2 + \big\|\Delta_{\bar h}^m f_2\big\|^2\Big)\, dh_1\cdots dh_m =$$

$$= \frac{2}{t^m}\int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \big\|\Delta_{\bar h}^m f_1\big\|^2 dh_1\cdots dh_m +$$

$$+\frac{2}{t^m}\int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \big\|\Delta_{\bar h}^m f_2\big\|^2 dh_1\cdots dh_m =$$

$$= 2\Omega_m^2(f_1,t)_2 + 2\Omega_m^2(f_2,t)_2 = 2\big(\Omega_m^2(f_1,t)_2 + \Omega_m^2(f_2,t)_2\big).$$

Акнун нобаробарии байни решаи квадратӣ аз сумма ва суммаи решаҳои квадратӣ, яъне

$$\sqrt{a+b} \le \sqrt{2a} + \sqrt{2b} \le 2\big(\sqrt{a} + \sqrt{b}\,\big)$$

барои $a = \Omega_m^2(f_1, t)_2$, $b = \Omega_m^2(f_2, t)_2$ татбиқ намуда, ҳосил мекунем:

$$\Omega_m(f_1 + f_2, t)_2 \le \sqrt{2}\Big(\Omega_m^2(f_1, t)_2 + \Omega_m^2(f_2, t)_2\Big)^{1/2} \le$$

$$\le 2\Big(\sqrt{\Omega_m^2(f_1, t)_2} + \sqrt{\Omega_m^2(f_2, t)_2}\,\Big) = 2\Big(\Omega_m(f_1, t)_2 + \Omega_m(f_2, t)_2\Big).$$

$\mathbf{5^0}$. $\Omega_m(f, nt) \le n^m\,\Omega_m(f, t)$.

Исботи хосияти $\mathbf{5^0}$ – ро нишон медиҳем. Азбаски

$$\Omega_m(f, nt)_2 = \left\{\frac{1}{(nt)^m}\int\limits_0^{nt}\cdots\int\limits_0^{nt}\|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1\cdots dh_m\right\}^{1/2} =$$

$$= \left\{\frac{1}{t^m}\int\limits_0^{t}\cdots\int\limits_0^{t}\|\Delta_{n\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1\cdots dh_m\right\}^{1/2},$$

ки дар ин ҷо $n\overline{h} = \big(nh_1, nh_2, \ldots, nh_m\big)$ аст, он гоҳ дурустии нобаробарии

$$\|\Delta_{n\overline{h}}^m f(\cdot)\| \le n^m \|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|$$

– ро нишон додан лозим меояд. Ин нобаробарӣ дар асоси методи индуксияи математикӣ исбот карда мешавад. Дар ҳақиқат, барои қиматҳои $m = 1$ ва $m = 2$ мувофиқан ҳосил мекунем:

$$\Delta^1_{nh_1} f(x) = f(x+nh_1) - f(x) =$$

$$= \sum_{i_1=0}^{n-1} \Big[f\big(x+(i_1+1)h_1\big) - f\big(x+i_1h_1\big) \Big] = \sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1),$$

Аз ин ҷо

$$\left\| \Delta^1_{nh_1} f \right\| = \left\| \sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1) \right\| \le \sum_{i_1=0}^{n-1} \left\| \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1) \right\|.$$

Дар L_2-норма барои функсияи даврии $f(x)$ аз руи дарозии давраш баробарии зерин ҷой дорад:

$$\left\| \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1) \right\| = \left\| \Delta^1_{h_1} f(x) \right\|. \tag{2.2.6}$$

Дар ҳақиқат, азбаски

$$\left\| \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1) \right\|^2_{L_{[0,2\pi]}} = \int_0^{2\pi} \left| f(x+(i+1)h_1) - f(x+i_1h_1) \right|^2 dx =$$

$$= \left| \begin{matrix} u = x+i_1h_1 \ \Rightarrow \ du = dx \\ x = 0 \ \Rightarrow \ u = i_1h_1, \\ x = 2\pi \ \Rightarrow \ u = 2\pi + i_1h_1 \end{matrix} \right| = \int_{i_1h_1}^{2\pi+i_1h_1} \left| f(u+h_1) - f(u) \right|^2 du =$$

$$= \int_0^{2\pi} \left| f(u+h_1) - f(u) \right|^2 du = \left\| \Delta^1_{h_1} f(x) \right\|^2_{L_{[0,2\pi]}},$$

чунки функсия $f(x)$ даврӣ мебошад. Аз ин ҷо якбора (2.2.6) мебарояд.

Ғайр аз ин

$$\Delta^1_{nh_2}\circ\Delta^1_{nh_1}f(x)=\Delta^1_{nh_2}\circ\left(\sum_{i_1=0}^{n-1}\Delta^1_{h_1}f(x+i_1h_1)\right)=$$

$$=\sum_{i_1=0}^{n-1}\Delta^1_{nh_2}\circ\Delta^1_{h_1}f(x+i_1h_1)=$$

$$=\sum_{i_2=0}^{n-1}\sum_{i_1=0}^{n-1}\Delta^1_{nh_2}\circ\Delta^1_{h_1}f(x+i_1h_1+i_2h_2).$$

Пас аз ин ҷо

$$\big\|\Delta^1_{nh_2}\circ\Delta^1_{nh_1}f\big\|\le n^2\big\|\Delta^1_{nh_2}\circ\Delta^1_{h_1}f\big\|$$

мешавад. Акнун фарз мекунем, ки барои $m=k$, ки $k\in\mathbb{N}$; $k\ge 2$ аст, нобаробарии

$$\big\|\Delta^1_{nh_k}\circ\Delta^1_{nh_{k-1}}\circ\cdots\circ\Delta^1_{nh_1}f\big\|\le n^k\big\|\Delta^1_{h_k}\circ\Delta^1_{h_{k-1}}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_1}f\big\|$$

ҷой дорад. Он гоҳ барои $m=k+1$ ҳосил мекунем:

$$\big\|\Delta^1_{nh_{k+1}}\circ\Delta^1_{nh_k}\circ\cdots\circ\Delta^1_{nh_1}f\big\|\le n\big\|\Delta^1_{h_{k+1}}\circ\big(\Delta^1_{h_k}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_1}f\big)\big\|=$$

$$=n\big\|\Delta^1_{h_k}\circ\Delta^1_{h_{k-1}}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_1}\circ\big(\Delta^1_{h_{k+1}}f\big)\big\|\le$$

$$\le n^{k+1}\big\|\Delta^1_{h_k}\circ\Delta^1_{h_{k-1}}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_1}\circ\Delta^1_{h_{k+1}}f\big\|=n^{k+1}\big\|\Delta^1_{h_{k+1}}\circ\Delta^1_{h_k}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_1}f\big\|$$

ва аз ин ҷо бармеояд:

$$\|\Delta^m_{n\overline{h}}f(\cdot)\|\le n^m\|\Delta^m_{\overline{h}}f(\cdot)\|.$$

Барои нобаробарии охирон формулаи (2.2.1) – ро татбиқ намуда, меёбем:

$$\Omega_m(f,nt)\le n^m\,\Omega_m(f,t).$$

6⁰. $\widetilde{C}_m\,\Omega_m(f,t)\ \le\ \omega_m(f,t)\ \le\ \widetilde{C}^*\,\Omega_m(f,t)$, ки дар ин ҷо $\widetilde{C}_m$ ва $\widetilde{C}^*$ — доимиҳои ихтиёрии аз t ва функсияи $f\in L_2$ вобаста набуда мебошанд.

Барои исботи ин нобаробарӣ қайд мекунем, ки дар фазои L_p $(0<p<1)$ хосияти мазкур дар кори К.В. Руновский [56] ёфта шудааст. Бо истифода аз баъзе мулоҳизаҳои овардашуда дар [55–57], нишон медиҳем, ки он дар ҳолати мавриди баррасӣ низ ҷой дорад. Аввалан нобаробарии дуюмро ҳосил мекунем. Аз [56] якбора ифодаи

$$\omega_1(f,t)\le C\,\Omega_1(f,t)$$

мебарояд, ки дар ин ҷо C — доимии аз функсияи f ва тағйирёбандаи t вобаста набуда мебошад. Таърифи модули бефосилагии тартиби якум ва формулаи (2.2.1) – ро истифода бурда, барои $|\tau|\le t$ ҳосил мекунем:

$$\left\|\Delta_\tau^1 f\right\|^2\le C^2\cdot\frac{1}{t}\int\limits_0^t\left\|\Delta_h^1 f\right\|^2dh.$$

Дар асоси нобаробарии ҳосилшуда барои ҳаргуна қимати $\tau\in[-t,t]$ навишта метавонем:

$$\left\|\Delta_\tau^2 f\right\|^2=\left\|\Delta_\tau^1\circ\Delta_\tau^1 f\right\|^2\le\frac{C^2}{t}\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_1}^1\circ\Delta_\tau^1 f\right\|^2dh_1=$$

$$=\frac{C^2}{t}\int\limits_0^t\left\|\Delta_\tau^1\circ\Delta_{h_1}^1 f\right\|^2dh_1\le\frac{C^2}{t}\int\limits_0^t\left(\frac{C^2}{t}\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^1\circ\Delta_{h_1}^1 f\right\|^2dh_2\right)dh_1=$$

$$=\frac{C^4}{t^2}\int\limits_0^t\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^1\circ\Delta_{h_1}^1 f\right\|^2dh_1\,dh_2,$$

чунки

$$\left\|\Delta_{\tau}^{1}\circ\Delta_{h_1}^{1}f\right\|^2\le\frac{C^2}{t}\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^{1}\circ\Delta_{h_1}^{1}f\right\|^2dh_1$$

мебошад. Ҳамин тариқ, азбаски

$$\omega_2(f,t):=\sup_{|\tau|\le t}\left\|\Delta_{\tau}^{2}f\right\|,$$

ки дар ин ҷо

$$\Delta_{\tau}^{2}f(x):=f(x+2\tau)-2f(x+\tau)+f(x)$$

фарқи тартиби дуюми функсияи $f(x)$ ва

$$\Omega_2(f,t):=\left(\frac{1}{t^2}\int\limits_0^t\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^{1}\circ\Delta_{h_1}^{1}f\right\|^2dh_1\,dh_2\right)^{1/2}$$

мебошад, он гоҳ дар асоси

$$\left\|\Delta_{\tau}^{2}f\right\|^2\le\frac{C^4}{t^2}\int\limits_0^t\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^{1}\circ\Delta_{h_1}^{1}f\right\|^2dh_1\,dh_2,$$

ё ин ки аз ин ҷо

$$\left\|\Delta_{\tau}^{2}f\right\|\le C^2\left(\frac{1}{t^2}\int\limits_0^t\int\limits_0^t\left\|\Delta_{h_2}^{1}\circ\Delta_{h_1}^{1}f\right\|^2dh_1\,dh_2\right)^{1/2}=C^2\,\Omega_2(f,t)$$

мешавад. Аз ҳар ду тарафи нобаробарии охирон супремум аз руи $|\tau|\le t$ гирифта, меёбем:

$$\omega_2(f,t):=\sup_{|\tau|\le t}\left\|\Delta_{\tau}^{2}f\right\|\le C^2\,\Omega_2(f,t).$$

Ҳамин тариқ,

$$\omega_2(f,t) \le C_2^* \, \Omega_2(f,t)$$

мешавад, ки дар ин ҷо $C_2^* := C^2$ аст. Бо идома додани ин раванд, тавре ки қаблан нишон дода шуда буд, ба нобаробарии зерин мерасем:

$$\omega_m(f,t) \le C_m^* \, \Omega_m(f,t)$$

мешавад, ки дар ин ҷо $C_m^* := C^m$ мебошад. Азбаски барои бадастории баҳои болои характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ тавассути модули бефосилагии классикии $\omega_m(f,t)$ бар асоси идеяи исботи воқеияти мувофиқ барои ҳолати $0 < p < 1$ дар теоремаи 3.1 аз кори К.В. Руновский [56] асос ёфтааст, он бо сабабҳои маълум оварда намешавад.

7⁰. Функсияи $\Omega_m(f,t)$ қариб афзуншаванда мебошад, яъне чунин доимии C мавҷуд аст, ки аз функсияи f ва тағйирёбандаи t вобаста набуда, барои ихтиёрии ду қиматҳои $0 < t_1 < t_2$ нобаробарии зерин иҷро мегардад:

$$\Omega_m(f,t_1) \le C \, \Omega_m(f,t_2).$$

Дар ҳақиқат, хосияти **6⁰** – умро истифода бурда, дар асоси гузориши $C := \dfrac{C_m^*}{\widetilde{C}_m}$ ва афзуншаванда будани модули бефосилагии классикии $\omega_m(f,t)$ барои ихтиёри ду қиматҳои $t_1 < t_2$ навишта метавонем:

$$\Omega_m(f,t_1) \le \frac{1}{\widetilde{C}_m} \omega_m(f,t_1) \le \frac{1}{\widetilde{C}_m} \omega_m(f,t_2) \le \frac{C_m^*}{\widetilde{C}_m} \Omega_m(f,t_2) \le C \, \Omega_m(f,t_2).$$

Чи хеле, ки дар боло қайд карда будем, ёфтани доимии аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин

$$E_{n-1}(f)_X \le \chi\, n^{-r}\omega_m(f^{(r)}, \tau/n)_X, \quad r \in \mathbb{Z}_+,\ \tau > 0 \tag{2.2.7}$$

яке аз масъалаҳои маркази экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳо дар ҳар гуна фазои нормиронидашудаи X мебошад.

Ин масъаларо дар вақтҳои гуногун Н.И. Черных, Л.В. Тайков, А.А. Лигун, В.А. Юдин, В.И. Иванов ва О.И. Смирнов, А.Г. Бабенко, С.Б. Вакарчук, М.Ш. Шабозов ва шогирдони онҳо тадқиқ карда буданд (масалан, нигаред ба корҳои [5–10, 16–23, 35–37, 39, 40, 45–50, 66–69, 77–80, 82, 84–86, 89, 93, 95, 96, 99, 100, 102–105]).

А.А. Лигун дар кори [46] характеристикаи экстремалии намуди зеринро дида баромада буд (дар ин ҷо ва дар оянда ифодаи 0/0 баробари 0 қабул карда шудааст):

$$\sup\left\{\frac{E_{n-1}^2(f)}{\int\limits_0^h \omega_m^2(f^{(r)}, t)_2\, \varphi(t)dt} :\ f \in L_2^{(r)},\ f \ne \mathrm{const}\right\},$$

ки дар ин ҷо $m, n \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+,\ 0 < h \le \pi/n$, $\varphi(t)$ функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда, суммиронидашаванда дар порчаи $[0, h]$ ва ба нул эквивалент намебошад. Дар ҳолати хусусӣ, нишон дода буд, ки нобаробарии дучандаи

$$\frac{1}{\mathscr{B}_{n,h}^{r,m}(\varphi)} \sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\ne\mathrm{const}}} \frac{E_{n-1}^2(f)}{\int\limits_0^h \omega_m^2(f^{(r)}, t)_2\, \varphi(t)dt} \le \frac{1}{\inf\limits_{n\le k<\infty} \mathscr{B}_{k,h}^{r,m}(\varphi)},$$

ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h}^{r,m}(\varphi) = 2^m k^{2r} \int\limits_0^h \big(1 - \cos kt\big)^m \varphi(t)dt$$

аст, ҷой дорад.

Бо мақсади умуми намудани натиҷаи овардашуда дар кори А.А. Лигун [46] М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов характеристикаи экстремалии зеринро тадқиқ карда буданд [86]:

$$\chi_{m,n,r,p,s}(\varphi, h) =$$

$$= \sup\left\{ \frac{E_{n-1}(f)_2}{\left(\int\limits_0^h \omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\, \varphi(t)dt\right)^s} : \quad f \in L_2^{(r)},\ f \neq \mathrm{const} \right\}, \qquad (2.2.8)$$

ки дар ин ҷо $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, p, s – ададҳои мусбат, $0 < h \leq \pi/n$ ва функсияи $\varphi(t)$ ҳамаи шартҳои дар нобаробарии дучандаи А.А. Лигун овардашударо қаноат мекунонад. Дар кори [86] дурустии ифодаи

$$\left\{\mathscr{A}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \leq \chi_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \leq \left\{\inf_{n \leq k < \infty} \mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \qquad (2.2.9)$$

нишон дода шудааст, ки дар ин ҷо $0 < p \leq 2$; $0 < h \leq \pi/n$ ва

$$\mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h (1 - \cos kt)^{mp/2}\, \varphi(t)dt\right)^{1/p}.$$

Ба андешаи мо, дар мувофиқа бо ифодаи (2.2.8), омӯзиши характеристикаи экстремалии

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,s}(\varphi,h):=$$

$$:=\sup\left\{\frac{E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^s}:\quad f\in L_2^{(r)},\ f\neq \mathrm{const}\right\} \tag{2.2.10}$$

ба худ таваҷҷуҳи зиёд ҷалб мекунад, ки дар ин ҷо ададҳои $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $p,s\in\mathbb{R}_+\setminus\{0\}$; $0<h\leq\pi/n$; $\varphi(t)$ — функсияи ғайриманфии ченшавандаи дар порчаи $[0,h]$ суммиронидашванда ва ба нул ғайриэквивалент мебошад.

Дар ҳамаи ҳолатҳои минбаъда ҳангоми ҳисоб кардани қимати сарҳади саҳеҳи болоӣ дар муносибатҳои умумӣ барои ҳамаи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ фарз карда мешавад, ки $f\neq\mathrm{const}$ мебошад.

Ишораи зеринро дохил мекунем:

$$\operatorname{sinc} t:=\begin{cases}\dfrac{\sin t}{t}, & \text{агар } t\neq 0,\\[2ex] 1, & \text{агар } t=0.\end{cases} \tag{2.2.11}$$

Теоремаи зерин як навъ умумикардашудаи натиҷаи (2.2.8) бо характеристикаи экстремалии (2.2.10) ба шумор меравад.

Теоремаи 2.2.1. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $0<p\leq\infty$, $0<h\leq\pi/n$, φ — функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда ва дар порчаи $[0,h]$ суммиронидашавандаи ба нул ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi,h)=$$

$$=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}}=\frac{1}{\inf\limits_{n\le k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)},\qquad(2.2.12)$$

ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi):=2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h(1-\operatorname{sinc}kt)^{mp/2}\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}.$$

Исбот. Формулаи Эйлерро истифода бурда, қатори Фурйеи функсияи $f(x)\in L_2$ – ро дар намуди комплексӣ менависем:

$$f(x)=\sum_{k=-\infty}^{+\infty}c_k(f)e^{ikx},\qquad(2.2.13)$$

ки дар ин ҷо

$$c_k(f)=\frac{1}{2\pi}\int\limits_0^{2\pi}f(x)e^{-ikx}dx,\ k=0,\pm1,\pm2,...$$

— коэффисиентҳои қатори Фурйеи функсияи f дар намуди комплексӣ мебошанд. Аз баробарии (2.2.13) барои ихтиёри функсияи $f(x)\in L_2^{(r)}$ навишта метавонем:

$$f^{(r)}(x)=\sum_{k=-\infty}^{+\infty}(ik)^rc_k(f)e^{ikx}.\qquad(2.2.14)$$

Азбаски фарқияти тартиби m – ум аз руи вектори афзоиш $\overline{h}$ $=$

$(h_1, h_2, \ldots, h_m)$ бо формулаи

$$\Delta_h^m f(x) = \Delta_{h_m} \cdots \Delta_{h_2} \Delta_{h_1} f(x) \tag{2.2.15}$$

муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо

$$\Delta_h f(x) = f(x+h) - f(x)$$

аст, барои функсияи (2.2.14) намуди зеринро мегирад:

$$\Delta_h^m f^{(r)}(x) = \sum_{-\infty}^{+\infty} (ik)^r c_k(f) e^{ikx} \prod_{\nu=1}^{m} (e^{ikh_\nu} - 1).$$

Азбаски функсияҳои $\{e^{ikx}\}$, $k = 0, \pm 1, \pm 2, ...$ дар порчаи $[0, 2\pi]$ системаи ортогоналиро ташкил медиҳанд, он гоҳ баробарии Парсевалро барои ифодаи охирин татбиқ намуда, ҳосил мекунем:

$$\|\Delta_h^m f^{(r)}(\cdot)\|_2 = 2^m \sum_{k=1}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2 \prod_{\nu=1}^{m} (1 - \cos kh_\nu). \tag{2.2.16}$$

Баробарии (2.2.16) – ро дар формулаи (2.2.1) гузошта, баъди ҳисоб намудани интегралҳо, меёбем:

$$\Omega_m^2(f^{(r)}, t) = 2^m \sum_{k=1}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^m \geq$$

$$\geq 2^m \sum_{k=n}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^m. \tag{2.2.17}$$

Минбаъд аз яке аз шаклҳои нобаробарии Минковский, ки дар монографияи A. Pinkus [119, саҳ.204] оварда шудааст, истифода мекунем:

$$\left\{\int\limits_0^h\left(\sum_{k=n}^{\infty}|\widetilde{f}_k(t)|^2\right)^{p/2}dt\right\}^{1/p}\geq$$

$$\geq\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\left(\int\limits_0^h|\widetilde{f}_k(t)|^p dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2},\ p>0. \tag{2.2.18}$$

Гузориши $\widetilde{f}_k(t):=f_k(t)\cdot\varphi^{1/p}(t)$ – ро дохил намуда, аз (2.2.18) ҳосил мекунем:

$$\left\{\int\limits_0^h\left(\sum_{k=n}^{\infty}|f_k(t)|^2\right)^{p/2}\varphi(t)dt\right\}^{1/p}\geq$$

$$\geq\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\left(\int\limits_0^h|f_k(t)|^p\varphi(t)dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2}. \tag{2.2.19}$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (2.2.17) – ро ба дараҷаи $p/2$ $(p>0)$ бардошта, ба функсияи вазнии $\varphi(t)$ зарб мезанем ва нисбат ба t аз фосилаи 0 то h интегронида, дар асоси формулаҳои (2.2.19) ва (2.1.1) навишта метавонем:

$$\left\{\int\limits_0^h\Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}\geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left\{\int\limits_0^h\left(\sum_{k=n}^{\infty}k^{2r}\rho_k^2(f)\big(1-\operatorname{sinc}kt\big)^m\right)^{p/2}\varphi(t)dt\right\}^{1/p}\geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\left(k^{2r}\rho_k^p(f)\int\limits_0^h\big(1-\operatorname{sinc}kt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2}=$$

$$=\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\left(\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right)^2\right\}^{1/2}\geq E_{n-1}(f)\inf_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi),$$

ё ин ки аз ин ҷо

$$\frac{E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^h\Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}}\leq\frac{1}{\inf\limits_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)} \tag{2.2.20}$$

Дар нобаробарии (2.2.20) аз руи ҳамаи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ ба ҳудуди саҳеҳи болоӣ гузашта, якбора баҳои болоии характеристикаи экстремалии (2.2.10) – ро ҳосил мекунем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi,h)\leq\left\{\inf_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}. \tag{2.2.21}$$

Акнун ба ҳосил кардани баҳои поёнии характристикаи экстремалии (2.2.10), ки дар он $s=1/p$ аст, мегузарем. Нишон додан мумкин аст, ки пайдарпайии ададии $\left\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}_{k\in\mathbb{N},\,k\geq n}$ аз поён бо ягон ададӣ мусбат маҳдуд мебошад, яъне сарҳади аниқи поёнии аз нул фарқкунандаро доро мебошад.

Бо ин мақсад, функсияи $f_k(x)=\sin kx,\ k\in\mathbb{N},k\geq n$, ки ба синфи функсияҳои $L_2^{(r)}$ дохил аст, дида мебароем. Азбаски барои ин функсия

$$E_{n-1}(f_k)=1\quad\text{ва}\quad\Omega_m(f_k^{(r)},t)=k^r\Big\{2\big(1-\operatorname{sinc}kt\big)\Big\}^{m/2}$$

аст, он гоҳ

$$\frac{E_{n-1}(f_k)}{\left\{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f_k^{(r)}, t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}} \geq$$

$$\geq \frac{1}{\left\{2^{m/2}k^r \int\limits_0^h \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^{m/2}\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}} = \frac{1}{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)}$$

ва аз ин ҷо барои ихтиёри ададй натуралии $k \geq n$ ҳосил мекунем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \geq \left\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}.$$

Бо ба назар гирифтани таъриф ва хосиятҳои сарҳадҳои саҳеҳи болоӣ ва поёнии маҷмуҳои ададӣ, аз нобаробарии охирон навишта метавонем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \geq \sup_{n \leq k < \infty} \left\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} = \left\{\inf_{n \leq k < \infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}. \qquad (2.2.22)$$

Аз муқоисакунии нобаробариҳои (2.2.21) ва (2.2.22), баробарии талабкардашудаи (2.2.12) – ро ҳосил мекунем. Теоремаи 2.2.1 исбот карда шуд.

§ 2.3. Баъзе натиҷаҳои муҳиме, ки аз теоремаи 2.2.1 бармеоянд

Аз теоремаи 2.2.1 як қатор натиҷаҳои муҳим ба даст оварда мешаванд, ки дар тадқиқи масъалаҳои экстремалӣ нақши калидӣ доранд.

Натиҷаи 2.3.1. *Бигузор* $0 < h \leq 3\pi/(4n)$ *ва шартҳои теоремаи 2.2.1 ҷой дошта бошанд. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) = \Big\{\mathscr{B}^{r,m}_{n,h,p}(\varphi)\Big\}^{-1}. \tag{2.3.1}$$

Исбот. Дар асоси хосиятҳои функсияи $g(t) := \operatorname{sinc} t$ (нигаред, масалан ба [59, с.129, 132]), барои ҳаргуна $x \geq 1$ ва $0 < y \leq 3\pi/4$ нобаробарии

$$g(y) \geq g(xy)$$

– ро ҳосил мекунем. Он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$x^{\gamma}\big(1 - g(xy)\big)^{\alpha} \geq \big(1 - g(y)\big)^{\alpha}, \tag{2.3.2}$$

ки дар ин ҷо γ ва α — ададҳои ихтиёрии мусбат мебошанд. Бигузор

$$x = \frac{k}{n},\ k, n \in \mathbb{N},\ k \geq n; \quad y = nt,\ 0 < t \leq h; \quad \gamma = rp; \quad \alpha = \frac{mp}{2}$$

бошанд. Он гоҳ аз нобаробарии (2.3.2) навишта метавонем:

$$k^{rp}\big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^{mp/2} \geq n^{rp}\big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}. \tag{2.3.3}$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (2.3.3) – ро ба функсияи вазнии $\varphi(t)$ зарб зада, нисбат ба тағйирёбандаи t аз фосилаи 0 то h меинтегронем. Он гоҳ, ҳар ду тарафи нобаробарии ҳосилшударо ба дараҷаи $1/p$ бардошта, ба адади $2^{m/2}$ зарб мезанем, дар натиҷа ҳосил мекунем:

$$2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h(1-\operatorname{sinc}kt)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{1/p}\geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left(n^{rp}\int\limits_0^h(1-\operatorname{sinc}nt)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{1/p},$$

ё ин ки аз ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\geq\mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi),\quad k\geq n.$$

Дар асоси ифодаи ҳосилшуда аз формулаи (2.2.12) баробарии талабкардашудаи (2.3.1) – ро ҳосил мекунем. Натиҷаи 2.3.1 исбот карда шуд.

Агар дар формулаи (2.3.1) қимати $p=2$ ва $\varphi(t)\equiv 1$ гузорем, он гоҳ яке аз натиҷаҳои Шабозов М.Ш., Вакарчук С.Б., Забутная В.И. – ро аз кори [88] ҳосил мекунем:

$$\sup\left\{\frac{n^{r-1/2}E_{n-1}(f)}{\int\limits_0^h\Omega_m^2(f^{(r)},t)dt}:\ f\in L_2^{(r)},\ f\neq\mathrm{const}\right\}=$$

$$=\left\{2^m\int\limits_0^{nh}\Big(1-\operatorname{sinc}t\Big)^m dt\right\}^{-1/2}.$$

Гузориши

$$Si(\tau):=\int\limits_0^\tau\operatorname{sinc}t dt$$

– ро ҳамчун синуси интегралӣ дохил намуда, функсияи $\Omega_m(t)$ – ро дар нуқтаи $t=0$ чунон муайян мекунем, ки $\Omega_m(f,0)=0$ бошад, ки дар ин ҷо $f\in L_2$ аст.

Натиҷаи 2.3.2. *Бигузор* $0<\tau\le 3\pi/4;\ m,n\in\mathbb{N}$ *ва*

$$\beta(\tau):=\frac{Si(\tau)-\sin\tau}{\tau-\sin\tau},\quad \eta(p):=\big(1+mp/2\big)^{1/p}$$

бошанд. Агар ҳангоми қимати қайдкардашудаи $0<p\le 2$ *барои ҳаргуна элементи* $f\in L_2^{(r)},\ r\in\mathbb{Z}_+$ *функсияи* $\Omega_m^p(f^{(r)})$ *дар порчаи* $[0,3\pi/(4n)]$ *барҷаста ба боло бошад, он гоҳ бузургии наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияи* f *нобаробарии зеринро қаноат мекунонад:*

$$E_{n-1}(f)\le\frac{\eta(p)}{n^r}\big(2(1-sinc\,\tau)\big)^{-m/2}\Omega_m\big(f^{(r)},\tau\beta(\tau)/n\big).$$

Агар функсияи $\Omega_m^p(f^{(r)})$ *барои ҳар як қимати* p *аз порчаи* $[p_*,p^*]\subset(0,2]$ *барҷаста ба боло дар сегменти* $[0,3\pi/(4n)]$ *бошад, он гоҳ*

$$E_{n-1}(f)\le\frac{\eta(p^*)}{n^r}\big(2(1-sinc\,\tau)\big)^{-m/2}\,\Omega_m\big(f^{(r)},\tau\beta(\tau)/n\big)$$

мешавад.

Исбот. Натиҷаи 2.3.1 – ро истифода бурда, барои функсияи $f\in L_2^{(r)}$ навишта метавонем:

$$E_{n-1}(f)\le 2^{-m/2}n^{-r}\left\{\frac{\int\limits_0^h\Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt}{\int\limits_0^h\big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt}\right\}^{1/p}. \qquad (2.3.4)$$

Акнун гузориши $\sigma(t)=-\mathrm{sinc}\,nt$, ки дар ин ҷо $0<t\le 3\pi/(4n)$ аст, дохил намуда, барои $\varphi(t)=d\sigma(t)/dt$ меёбем:

$$\int\limits_0^h \big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt=\int\limits_0^h \big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)^{mp/2}\sigma'(t)dt=$$

$$=\int\limits_0^h \big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)^{mp/2}d\big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)=\Big(\frac{mp}{2}+1\Big)^{-1}\big(1-\mathrm{sinc}\,nh\big)^{mp/2+1}.$$

Аз нобаробарии Йенсен истифода мебарем, ки онро дар шакли зерини барои мо муҳим менависем (нигаред, масалан, [52, с. 288]).

Бигузор $\mathscr{L}$ — функсияи бефосилаи барҷаста ва дар нимтири $\mathbb{R}_+$ додашуда бошад. Агар функсияҳои ψ ва q дар порчаи $[a,b]$ муайян буда, функсияи ψ ченшаванда ва охирнок бошад, функсияи q ғайриманфӣ, q ва $\psi\cdot q$ суммиронидашаванда ва $\int\limits_a^b q(t)dt>0$ бошад, он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\frac{\int\limits_a^b \mathscr{L}\big(\psi(t)\big)q(t)dt}{\int\limits_a^b q(t)dt}\le\mathscr{L}\left(\frac{\int\limits_a^b \psi(t)\,q(t)dt}{\int\limits_a^b q(t)dt}\right).$$

Азбаски, мувофиқи шарт, $\Omega_m^p(f^{(r)})$ — дар сегменти $[0,3\pi/(4n)]$ функсияи барҷаста мебошад, пас дар формулаи охирон $\mathscr{L}=\Omega_m^p(f^{(r)})$, $q=\varphi$, $\psi=t$, $a=0$, $b=h$, ки $0<h\le 3\pi/(4n)$ гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\varphi(t)dt}{\int\limits_0^h \varphi(t)dt} \le \Omega_m^p\left(f^{(r)};\ \frac{\int\limits_0^h t\,\varphi(t)dt}{\int\limits_0^h \varphi(t)dt}\right).$$

Бо дарназардошти шакли зикршудаи функсия $\varphi = \sigma'$, аз ин нобаробарӣ ба натиҷаи зерин мерасем:

$$\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\sigma'(t)dt \le \big(1-\operatorname{sinc} nh\big)\Omega_m^p\left(f^{(r)};\ \frac{h\big(Si(nh)-\sin(nh)\big)}{nh-\sin(nh)}\right).$$

Аз нобаробарии охирон ва ифодаи (2.3.4), ҳангоми $h=\tau/n$, баҳои болоии бузургии наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияи f – ро ҳосил мекунем, ки дар асоси гузоришҳои дар боло дохилшуда ба намуди зерин навишта мешавад:

$$E_{n-1}(f) \le \eta(p)\, n^{-r}\big(2(1-\operatorname{sinc}\tau)\big)^{-m/2}\,\Omega_m\big(f^{(r)};\tau\beta(\tau)/n\big).$$

Фарз мекунем, ки функсияи $\Omega_m^p\big(f^{(r)}\big)$ барои ҳаргуна қиматҳои $p \in [p_*, p^*] \subset (0,2]$ барҷаста ба боло бошад. Азбаски дар нобаробарии охирон аз қимати p фақат бузургии η вобаста аст ва чи хеле, ки маълум аст вай қимати хурдтаринро дар нуқтаи $p = p**$ доро мешавад, он гоҳ ҳангоми аз боло баҳодиҳии бузургии наздиккунии беҳтарин $E_{n-1}(f)$ ба ҷои қимати ададии $\eta(p)$ мо қимати $\eta(p^*)$ – ро истифода мебарем. Натиҷаи 2.3.2 исбот шуд.

Акнун қимати бузургии $\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)$ – ро барои $h = a/n$ $(0 < a \le \pi)$ ва

$\varphi(t) = q(nt)$ дар намуди зерин менависем:

$$\mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi) := 2^{m/2} \left\{ k^{rp} \int\limits_0^{a/n} (1 - \operatorname{sinc} kt)^{mp/2}\, q(nt)dt \right\}^{1/p} =$$

$$= 2^{m/2}\, n^{r-1/p} \left\{ \left(\frac{k}{n}\right)^{rp} \int\limits_0^a \big(1 - \operatorname{sinc}(kt/n)\big)^{mp/2}\, q(t)dt \right\}^{1/p}.$$

Аз ин ҷо нобаробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$\inf_{n\le k<\infty} \mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi) \ge 2^{m/2}\, n^{r-1/p} \inf_{x\ge 1} \left\{ x^{rp} \int\limits_0^a \big(1 - \operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2}\, q(t)dt \right\}^{1/p}.$$

Дар асоси теоремаи исботкардашудаи 2.2.1 ва бо истифода аз мулоҳизаҳое, ки дар кори [46, с. 788-789] оварда шудааст, натиҷаи зерин ба даст меояд.

Натиҷаи 2.3.3. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \le 2$, $q(t)$ – функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда ва дар порчаи $[0, a]$ $(0 < a \le \pi)$ суммиронидашавандаи ба нол ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$\{\Phi_{m,r,p}(a, q, 1)\}^{-1/p} \le$$

$$\le \sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{2^{m/2}\, n^r E_{n-1}(f)}{\left\{ \int\limits_0^a \Omega_m^p(f^{(r)}, t/n)\, q(t)dt \right\}^{1/p}} \le \left\{ \inf_{x\ge 1} \Phi_{m,r,p}(a, q, x) \right\}^{-1/p}, \quad (2.3.5)$$

ки дар ин ҷо

$$\Phi_{m,r,p}(a, q, x) = x^{rp} \int\limits_0^a \big(1 - sinc\, xt\big)^{mp/2} q(t)dt.$$

Дар ин ҳолат, агар функсияи q *чунон бошад, ки барояш*

$$\inf_{x\geq 1}\Phi_{m,r,p}(a,q,x)=\Phi_{m,r,p}(a,q,1)$$

шавад, он гоҳ баробарии

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^r E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^a \Omega_m^p(f^{(r)},t/n)\,q(t)dt\right\}^{1/p}}=\{\Phi_{m,r,p}(a,q,1)\}^{-1/p}$$

ҷой дорад.

Натиҷаи 2.3.4. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $0<p\leq 2$ *ва* $q(t)=t^{rp-1}q_1(t)$ *функсияи дар порчаи* $[0,a]$ $(0<a\leq\pi)$ *ғайриманфӣ, ченшаванда ва суммиронидашаванда буда,* q_1 *— функсияи афзуннашаванда ва ба нол ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\inf_{x\geq 1}\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),x)=\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),1)\tag{2.3.6}$$

ҷой дошта, формулаи зерин дуруст аст:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^r E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^a \Omega_m^p(f^{(r)},t/n)\,t^{rp-1}q_1(t)dt\right\}^{1/p}}=\left\{\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),1)\right\}^{-1/p}.\tag{2.3.7}$$

Исбот. Барои исбот дурустии ифодаи (2.3.6) – ро нишон медиҳем, чунки баробарии (2.3.7) якбора аз формулаи (2.3.5)-и натиҷаи 2.3.3 мебарояд.

Бо ин мақсад, гузориши зеринро дохил мекунем:

$$q_2(t)=\Big\{\,q_1(t),\ \text{агар}\ 0\leq t\leq a;\quad q_1(a),\ \text{агар}\ \ a\leq t<\infty\Big\}.$$

Барои ҳамаи қиматҳои $x \geq 1$ навишта метавонем:

$$\Phi_{m,r,p}\big(a, t^{rp-1}q_1(t), x\big) = x^{rp}\int\limits_0^a \big(1-\operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2}\, t^{rp-1}q_1(t)dt =$$

$$= \int\limits_0^{ax} \big(1-\operatorname{sinc} t\big)^{mp/2}\, t^{rp-1}q_2(t/x)dt \geq \int\limits_0^{ax} \big(1-\operatorname{sinc} t\big)^{mp/2}\, t^{rp-1}q_2(t)dt \geq$$

$$\geq \int\limits_0^{a} \big(1-\operatorname{sinc} t\big)^{mp/2}\, t^{rp-1}q_1(t)dt = \Phi_{m,r,p}\big(a, t^{rp-1}q_1(t), 1\big),$$

яъне формулаи (2.3.6) ҷой дорад ва аз ин ҷо натиҷаи 2.3.4 исбот шуд.

Эзоҳ: Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаи 2.3.4 ҳангоми $p = 2$ дар кори А.А. Лигун [46] исбот шуда буд.

Ба ифодаи $\mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi)$, ки дар матни теоремаи 2.2.1 ҷорӣ шуда буд, бозмегардем ва муайян мекунем, ки функсияи φ бояд дорои кадом хосиятҳои дифференсиалӣ бошад, то баробарии

$$\inf_{n\leq k<\infty} \mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi) = \mathscr{B}^{r,m}_{n,h,p}(\varphi). \tag{2.3.8}$$

иҷро гардад. Ба ин савол леммаи зерин ҷавоб медиҳад.

Леммаи 2.3.1. *Бигузор $\varphi(t)$ – функсияи дар порчаи $[0, h]$ ғайриманфӣ ва дифференсиронидашаванда дар интервали $(0, h)$ $(0 < h \leq \pi/n)$ бошад. Агар барои ҳаргуна $r \in \mathbb{N}$, $1/r \leq p \leq 2$ ва ихтиёри $t \in (0, h)$ нобаробарии*

$$(rp-1)\varphi(t) - t\varphi'(t) \geq 0 \tag{2.3.9}$$

иҷро гардад, он гоҳ баробарии (2.3.8) иҷро мегардад.

Исбот. Намуди ифодаи $\mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi)$ ва шартҳои леммаи 2.3.1 – ро ба инобат гирифта, барои исботи дурустии формулаи (2.3.8) кифоя аст, нишон диҳем, ки функсияи

$$y(x) := x^{rp}\int\limits_{0}^{h}\big(1-\operatorname{sinc} t\big)^{mp/2}\varphi(t)dt \tag{2.3.10}$$

дар фосилаи $1 \le x < \infty$ камнашаванда мебошад. Бо ин мақсад, нишон медиҳем, ки дар маҷмуи $1 \le x < \infty$ ҳосилаи тартиби якуми функсия $y'(x)$ ғайриманфӣ мебошад ва аз он ҷо якбора баробарии

$$\inf\big\{\,y(x):\ 1 \le x < \infty\big\} = y(1)$$

мебарояд. Дар ҳақиқат, функсияи (2.3.10) – ро дифференсиронида, меёбем:

$$y'(x) = rpx^{rp-1}\int\limits_{0}^{h}\big(1-\operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt+$$
$$+\,x^{rp}\int\limits_{0}^{h}\frac{\partial}{\partial x}\big(1-\operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt. \tag{2.3.11}$$

Бо ҳисобкуниҳои оддӣ дурустии баробарии зеринро нишон додан мумкин аст:

$$\frac{1}{t}\cdot\frac{\partial}{\partial x}\big(1-\operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2} = \frac{1}{x}\cdot\frac{\partial}{\partial t}\big(1-\operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2}. \tag{2.3.12}$$

Формулаи (2.3.12) – ро истифода бурда, аз (2.3.11) ҳосил мекунем:

$$y'(x) = x^{rp-1}\left\{rp\int\limits_0^h \Big(1-\operatorname{sinc} xt\Big)^{mp/2}\varphi(t)dt + \right.$$

$$\left. + \int\limits_0^h t\varphi(t)\frac{\partial}{\partial t}\Big(1-\operatorname{sinc} xt\Big)^{mp/2}\right\}. \quad (2.3.13)$$

Дар интеграли дуюми (2.3.13) усули интегронӣ аз руи ҳиссаҳоро иҷро намуда, дар асоси нобаробарии (2.3.9) меёбем:

$$y'(x) = x^{rp-1}\left\{\Big(1-\operatorname{sinc} xh\Big)^{mp/2} h\varphi(h) + \right.$$

$$\left. + \int\limits_0^h \Big(1-\operatorname{sinc} xt\Big)^{mp/2}\Big(\big(rp-1\big)\varphi(t) - t\varphi'(t)\Big)dt\right\} \geq 0.$$

Леммаи 2.3.1 исбот карда шуд.

Натиҷаи 2.3.5. *Бигузор* $r \in \mathbb{N}$, $1/r \leq p \leq 2$, $0 \leq \gamma \leq rp-1$, $0 < \beta \leq \pi$, $\varphi_*(t) = \sin^\gamma\big(\beta t/h\big)$ *ва* $0 < t \leq h \leq \pi/n$ *бошанд. Он гоҳ барои ҳаргуна* $m, n \in \mathbb{N}$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi_*, h) = 2^{-m/2}n^{-r}\left\{\int\limits_0^h \Big(1-\mathit{sinc}\, nt\Big)^{mp/2}\sin^\gamma\Big(\beta t/h\Big)dt\right\}^{-1/p}. \quad (2.3.14)$$

Исбот. Дар ҳақиқат, бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки барои ҳамаи қиматҳои $0 < x \leq \pi$ нобаробарии

$$\operatorname{sinc} x - \cos x \geq 0 \quad (2.3.15)$$

дуруст мебошад. Иҷрошавии шарти (2.3.9) – ро барои функсияи

$$\varphi_*(t) = \sin^\gamma\big(\beta t/h\big)$$

месанҷем. Азбаски

$$\xi(t) = \big(rp-1\big)\varphi_*(t) - t\varphi_*'(t) =$$

$$= \big(\beta t/h\big)\sin^{\gamma-1}\big(\beta t/h\big)\Big[\big(rp-1\big)\mathrm{sinc}\,\big(\beta t/h\big) - \gamma\cos\big(\beta t/h\big)\Big], \quad (2.3.16)$$

он гоҳ дар асоси нобаробарии (2.3.15) навишта метавонем:

$$\mathrm{sinc}\,\big(\beta t/h\big) - \cos\big(\beta t/h\big) \geq 0. \quad (2.3.17)$$

Бо назардошти он ки $rp - 1 \geq \gamma$ аст, он гоҳ дар асоси нобаробарии (2.3.17) ифодаи дар қавси квадратӣ будаи тарафи рости формулаи (2.3.16) ғайриманфӣ мешавад. Аз ин ҷо мебарояд, ки $\xi(t) \geq 0$ барои ҳамаи қиматҳои $t \in (0, h)$ мебошад ва ин мувофиқи леммаи 2.3.1 дурустии формулаи (2.3.14) – ро нишон медиҳад. Натиҷаи 2.3.5 исбот шуд.

§ 2.4. Оид ба наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳои даврӣ ва ҳосилаҳои онҳо дар фазои гилбертии L_2

Дар ин параграф мо масъалаҳои экстремалии марбут ба наздиккунии беҳтарини муштараки функсияҳои даврӣ ва ҳосилаҳои пайдарпайи онҳоро аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар метрикаи фазо $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ меомӯзем. Бояд қайд намуд, ки масъалаи наздиккунии муштараки функсияҳои даврӣ ва ҳосилаҳои онҳо тавассути бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар метрикаи мунтазам бори аввал соли 1960 аз ҷониби А.Л. Гаркави [26] тадқиқ карда шуда буд. Сониян, худи ҳамон сол А.Ф. Тиман [70] масъалаи гузошташударо барои наздиккунии функсияҳое, ки дар тамоми тири ададӣ бо функсияҳои бутуни экспоненсиалӣ муайян карда мешаванд, тадқиқ намуд.

Дар ҳолати умумитар, масъалаи наздиккунии муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо ҳам тавассути бисёраъзогиҳои алгебравӣ ва ҳам тригонометрӣ дар монографияи В.Н. Малозёмов [51] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он ҷо баъзе теоремаҳои классикии назарияи наздиккунӣ барои ҳолати наздиккунии муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо оварда ва умумӣ гардонида шудаанд.

Хуб маълум аст [43, с. 127], ки барои ихтиёри функсияи $f \in L_2^{(r)}$ ҳосилаҳои мобайнии он $f^{(s)}$ $(s = 1, 2, 3, \ldots, r-1;\ r \geq 2, r \in \mathbb{N}, f^{(0)} \equiv f)$ инчунин ба фазои L_2 тааллуқ доранд, аз ин рӯ омӯзиши рафтори бузургии наздиккунии беҳтарини $E_{n-1}(f^{(s)})$ дар худи синфи $L_2^{(r)}$ ва ё дар ягон зерсинфи он $\mathfrak{M}^{(r)} \subset L_2^{(r)}$ бешубҳа шавқовар мебошад. Ин масъала дар кори [21] барои модулҳои бефосилагии навъи махсусе, ки дар кори [1] тадқиқ карда шуд, пешниҳод ва ҳал карда шудааст. Дар ин ҷо мо ҳалли масъалаи гузошташударо дар ҳолате пешниҳод менамоем, ки характеристикаҳои структурии функсияи $f \in L_2^{(r)}$ тавассути қимати модули бефосилагии бо вазни $\varphi(t)$ миёнакардашудаи $\Omega_m(f^{(r)}, t)$ тавсиф карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, масъалаи наздиккунии беҳтарини муштараки синфи функсияҳои $\mathfrak{M}^{(r)} \subset L_2^{(r)}$ дар шакли зерин ифода карда мешавад: талаб карда мешавад қимати аниқи бузургии зерин ёфта шавад:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(\mathfrak{M}^{(r)}\big) := \sup\Big\{E_{n-1}(f^{(s)}):\ f \in \mathfrak{M}^{(r)}\Big\}. \tag{2.4.1}$$

Пеш аз он ки натиҷаҳои параграфи 1.4 – ро баррасӣ намоем, аввал баъзе малумотҳои умумиро пешниҳод мекунем.

Минбаъд ба воситаи $\mathbb{N}$; $\mathbb{Z}_+ := \mathbb{N} \cup \{0\}$; $\mathbb{Z}$; $\mathbb{R}_+ := (0, +\infty)$ — мувофиқан маҷмуи ададҳои натуралӣ, бутуни ғайриманфӣ ва мусбати ҳақиқӣ ишора мекунем; $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ — фазои функсияҳои 2π-даврии бо квадрат ба маънои Лебег суммиронидашаванда бо нормаи охирноки

$$\|f\| := \|f\|_{L_2[0,2\pi]} = \left(\frac{1}{\pi}\int_0^{2\pi} \big|f(x)\big|^2 dx\right)^{1/2} < \infty \tag{2.4.2}$$

ишора мекунем.

Бо символи $\mathcal{T}_{2n-1}$ зерфазоҳои ҳамаи бисёраъзогиҳои тригонометрии тартибашон аз $n-1$ калон набударо ишора мекунем:

$$\mathcal{T}_{2n-1} = \left\{T_{n-1}(x):\ T_{n-1}(x) = \frac{\alpha_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1}\left(\alpha_k \cos kx + \beta_k \sin kx\right)\right\}.$$

Хуб маълум аст, ки дар масъалаҳои ҷудокунии функсия ба қатори Фурйе аз руйи системаҳои тригонометрӣ нақши муҳимро оператори тағйирёбии ҷойгиршавӣ $T_h f(x) = f(x+h)$ ва модулҳои бефосилагии муқаррарии тартибҳои гуногун, ки бо ёрии он муайян карда мешаванд (нигаред, масалан, ба монографияҳои Н.К. Бари [12] ва А. Зигмунд [33]), роли ниҳоят калон мебозанд.

Ошкор аст, ки ихтиёри қатори Фурйеи функсияи $f \in L_2$, ки намуди

$$f(x) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{\infty} \big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\big) \qquad (2.4.3)$$

– ро дорад ва дар ин ҷо

$$\begin{aligned} a_k(f) &= \frac{1}{\pi}\int\limits_{-\pi}^{\pi} f(x)\cos kx dx, \quad k \in \mathbb{Z}, \\ b_k(f) &= \frac{1}{\pi}\int\limits_{-\pi}^{\pi} f(x)\sin kx dx, \quad k \in \mathbb{N} \end{aligned} \qquad (2.4.4)$$

— коэффисиентҳои Фурйеи функсияи $f \in L_2$ мебошанд, дар намуди комплексӣ ба шакли зерин навишта мешавад:

$$f(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f)e^{ikx}. \qquad (2.4.5)$$

Дар ифодаи (2.4.5) коэффисиентҳои $c_k(f)$ аз руи баробариҳои

$$c_0(f) = \frac{1}{2}a_0(f),\ c_k(f) = \frac{a_k(f) - i\,b_k(f)}{2},\ c_{-k}(f) := \frac{a_k(f) + i\,b_k(f)}{2} \qquad (2.4.6)$$

муайян карда мешаванд, ё ин ки намуди умумии

$$c_k(f) = \frac{1}{2\pi}\int\limits_{0}^{2\pi} f(x)e^{-ikx}dx, \quad k \in \mathbb{Z} \qquad (2.4.7)$$

– ро доранд.

Масъалаи экстремалии ёфтани қимати аниқи наздиккунии беҳтарини миёнаквадратии функсияҳои $f \in L_2$ тавассути бисёраъзогиҳои намуди

$$\mathscr{P}_{n-1} := \left\{ p_n(z) :\ p_n(z) = \sum_{|k|\le n} a_k e^{ikx} = \sum_{k=-n}^{n} a_k e^{ikx},\ \ a_k \in \mathbb{C} \right\} \qquad (2.4.8)$$

аз муайян кардани қимати бузургии зерин иборат аст:

$$E_{n-1}(f) := E(f, \mathscr{P}_{n-1})_{L_2} = \inf\Big\{\big\|f - p_{n-1}\big\|_2 :\ p_{n-1} \in \mathscr{P}_{n-1}\Big\}. \tag{2.4.9}$$

Тасдиқотҳои зеринро, ки барои исботи теоремаҳо дар оянда васеъ истифода бурда мешаванд, исбот мекунем.

Леммаи 2.4.1. *Дар байни ҳамаи бисёраъзогиҳои комплексии намуди* (2.4.8) *наздиккунии полиномиалии миёнаквадратии функсияҳои* $f \in L_2$ *– ро суммаи хусусии тартиби* $(n-1)$*-уми*

$$S_{n-1}(f, x) = \sum_{|k|\le n} c_k(f) e^{ikx} \tag{2.4.10}$$

қатори Фурйеи (2.4.5) *доро мешавад. Ҳамзамон*

$$E_{n-1}(f) = \big\|f - S_{n-1}\big\|_2 = \left\{2 \sum_{|k|\ge n} \big|c_k(f)\big|^2\right\}^{1/2}. \tag{2.4.11}$$

Исбот. Бигузор функсияҳои $f \in L_2$ ва $p_{n-1}(x) \in \mathscr{P}_{n-1}$ — ихтиёри бисёраъзогии намуди (2.4.8) бошад. Сипас, бо истифода аз он, ки системаи функсияҳои $\{e^{ikx}\}$ $(k \in \mathbb{Z})$ дар $L_2[0, 2\pi]$ ортогоналӣ мебошанд, яъне

$$\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} e^{ikx} \cdot e^{-ilx} dx = \frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} e^{i(k-l)x} dx = \begin{cases} 0, & \text{агар} \quad k \ne l, \\ 2, & \text{агар} \quad k = l, \end{cases}$$

мебошанд, ҳосил мекунем:

$$\big\|f - p_{n-1}\big\|_2^2 = \frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} \big|f(x) - p_{n-1}(x)\big|^2 dx =$$

$$= \frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} \left|\sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f) e^{ikx} - \sum_{k=-n}^{n} a_k e^{ikx}\right|^2 dx =$$

$$= \frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}\left|\sum_{|k|\le n-1}\big(c_k(f)-a_k\big)e^{ikx}+\sum_{|k|\ge n}c_k(f)e^{ikx}\right|^2 dx =$$

$$= \frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}\left(\sum_{|k|\le n-1}\big(c_k(f)-a_k\big)e^{ikx}+\sum_{|k|\ge n}c_k(f)e^{ikx}\right)\times$$

$$\times\left(\sum_{|l|\le n-1}\big(\overline{c}_l(f)-\overline{a}_l\big)e^{-ilx}+\sum_{|l|\ge n}\overline{c}_l(f)e^{-ilx}\right)dx =$$

$$= \sum_{|k|\le n}\sum_{|l|\le n-1}\big(c_k(f)-a_k\big)\big(\overline{c}_l(f)-\overline{a}_l\big)\cdot\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}e^{i(k-l)x}dx+$$

$$+\sum_{|k|\le n}\sum_{|l|\ge n}\big(c_k(f)-a_k\big)\overline{c}_l(f)\cdot\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}e^{i(k-l)x}dx+$$

$$+\sum_{|k|\ge n}\sum_{|l|\le n}c_k(f)\big(\overline{c}_l(f)-\overline{a}_l\big)\cdot\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}e^{i(k-l)x}dx+$$

$$+\sum_{|k|\ge n-1}\sum_{|l|\ge n}c_k(f)\overline{c}_l(f)\cdot\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}e^{i(k-l)x}dx =$$

$$= 2\sum_{|k|\le n-1}\big|c_k(f)-a_k\big|^2+2\sum_{|k|\ge n}\big|c_k(f)\big|^2.$$

Ҳамин тавр, мо исбот кардем, ки агар $f \in L_2$ ва $p_{n-1}(x) \in \mathscr{P}_{n-1}$ бошанд, пас

$$\big\|f-p_{n-1}\big\|_2^2 = 2\left\{\sum_{|k|\le n-1}\big|c_k(f)-a_k\big|^2+\sum_{|k|\ge n}\big|c_k(f)\big|^2\right\}. \tag{2.4.12}$$

Аз муносибати (2.4.12) якбора ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}^2(f) = \inf\left\{\left\|f - p_{n-1}\right\|_2^2 : \ p_{n-1}(x) \in \mathscr{P}_{n-1}\right\} =$$

$$= 2\left\{\sum_{|k|\le n-1}\left|c_k(f) - a_k\right|^2 + \sum_{|k|\ge n}\left|c_k(f)\right|^2\right\} = \left|a_k = c_k(f)\right| =$$

$$= 2\sum_{|k|\ge n}\left|c_k(f)\right|^2 = \left\|f - S_{n-1}(f)\right\|_2^2.$$

Аз баробарии охирон шарти леммаи 2.4.1 мебарояд, ки бо ҳамин исботаш ба охир мерасад.

Аз леммаи 2.4.1-и нав исботкардашуда мебарояд, ки агар функсияи $f \in L_2$ ба қатори Фурйе дар намуди (2.4.3) бо коэффисиентҳои (2.4.4) ҷудо шуда,

$$S_{n-1}(f,x) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{\infty}\big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\big)$$

— суммаи хусусии тартиби n-уми қатори (2.4.3) бошад, он гоҳ

$$E_{n-1}(f) = \left\|f - S_{n-1}(f)\right\| = \left\{\sum_{k=n}^{\infty}\big(a_k^2(f) + b_k^2(f)\big)\right\}^{1/2}. \qquad (2.4.13)$$

Гузориши

$$\rho_k^2(f) := a_k^2(f) + b_k^2(f), \quad k \in \mathbb{N}$$

– ро дохил намуда, баробарии (2.4.13) – ро дар намуди зерин менависем:

$$E_{n-1}(f) = \left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}. \qquad (2.4.14)$$

Акнун нишон медиҳем, ки баробарии (2.4.14) ҳамчун натиҷа аз формулаи (2.4.11) мебошад. Дар ҳақиқат, аз баробариҳои (2.4.6) мебарояд, ки

$$\left|c_k(f)\right|^2 + \left|c_{-k}(f)\right|^2 = \frac{a_k^2(f) + b_k^2(f)}{2} \tag{2.4.15}$$

ва бинобар ҳамин аз (2.4.11) меёбем:

$$E_{n-1}^2(f)_2 = 2\sum_{|k|\geq n}\left|c_k(f)\right|^2 = 2\sum_{k=n}^{\infty}\left\{\left|c_k(f)\right|^2 + \left|c_{-k}(f)\right|^2\right\} =$$

$$= \sum_{k=n}^{\infty}\left(a_k^2(f) + b_k^2(f)\right) = \sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f). \tag{2.4.16}$$

Дар оянда, барои осонии ҳисобкунӣ баробарии (2.4.16) – ро дар шакли барои худамон мувофиқ истифода мебарем:

$$E_{n-1}(f) = \left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}. \tag{2.4.17}$$

Бигузор $s \in [0, r]$, $r \in \mathbb{N}$. Қатори (2.4.5) – ро s маротиба дифференсиронида меёбем:

$$f^{(s)}(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty}(ik)^s c_k(f)e^{ikx}. \tag{2.4.18}$$

Ба ифодаи (2.4.18) баробарии Парсевалро татбиқ намуда, менависем:

$$\left\|f^{(s)}\right\|_2^2 = \sum_{k=-\infty}^{+\infty}|k|^{2s}\left|c_k(f)\right|^2. \tag{2.4.19}$$

Аз схемаи исботи леммаи 2.4.1 истифода бурда, бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки

$$E_{n-1}(f^{(s)}) = \left\{2\sum_{|k|\geq n}|k|^{2s}\left|c_k(f)\right|^2\right\}^{1/2} \tag{2.4.20}$$

мебошад. Аз баробарии (2.4.20) дар ҳолати хусусӣ, барои масъалаи наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$ бо қатори Фурйеи (2.4.3) аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрии оддии $T_{n-1}(x) \in \mathscr{T}_{2n-1}$ ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}(f^{(s)}) := \inf\left\{\left\|f^{(s)} - T_{n-1}^{(s)}\right\| : \quad T_{n-1} \in \mathscr{T}_{2n-1}\right\} =$$

$$= \left\|f^{(s)} - S_{n-1}^{(s)}(f)\right\| = \left\|f^{(s)} - S_{n-1}\big(f^{(s)}\big)\right\| =$$

$$= \left\{\sum_{k=n}^{\infty} k^{2s}\big(a_k^2(f) + b_k^2(f)\big)\right\}^{1/2} = \left\{\sum_{k=n}^{\infty} k^{2s}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}. \qquad (2.4.21)$$

Фикр мекунам, ки дар ин параграф аз нуқтаи назари мо ёфтани доимии аниқ

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t) := \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}\big(f^{(s)}\big)}{\Omega_m\big(f^{(r)}, t\big)} \qquad (2.4.22)$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкини

$$E_{n-1}\big(f^{(s)}\big) \le \chi\, n^{-(r-s)} \Omega_m\big(f^{(r)}, t/n\big), \quad s = 0, 1, \ldots, r$$

барои наздиккунии муштараки функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ аҳамияти калон дорад.

Тасдиқоти зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.4.1. *Бигузор $n, m \in \mathbb{N}$; $r, s \in \mathbb{Z}_+$; $r \ge s$. Он гоҳ барои ихтиёри ададҳои $t \in (0, \pi/2]$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t) = \Big\{2\big(1 - \operatorname{sinc} t\big)\Big\}^{-m/2}. \qquad (2.4.23)$$

Исбот. Формулаҳои Эйлерро истифода бурда, қатори Фурйеро барои функсияи $f \in L_2$ дар шакли комплексӣ менависем

$$f(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f) e^{ikx},$$

ки дар ин ҷо $c_k(f)$ ва $c_{-k}(f)$ – ададҳои ҷуфт-ҷуфт ҳамроҳшуда мебошанд. Азбаски функсияҳои $\{e^{ikx}\}_{k=-\infty}^{+\infty}$ дар сегманти $[0, 2\pi]$ системаи ортогоналиро ташкил медиҳанд, он гоҳ баробарии Парсевалро барои фарқи тартиби m-ум (2.2.15)-и функсияи $f(x)$ истифода бурда, навишта метавонем:

$$\left\|\Delta_{\overline{h}}^{m} f^{(r)}\right\|^2 = \left\| \sum_{k=-\infty}^{+\infty} (ik)^r c_k(f) \Delta_{\overline{h}}^{m} e^{ikx} \right\|^2 =$$

$$= 2^m \sum_{k=1}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \prod_{\nu=1}^{m} \big(1 - \cos kh_\nu\big). \quad (2.4.24)$$

Формулаи (2.4.24) – ро дар тарафи рости баробарии (2.2.1) гузошта, дар асоси (2.4.14) ва бо дарназардошти он ки [66, с. 435]

$$\max\Big\{ \big|\operatorname{sinc} u\big| : \ u \geq n\tau \Big\} = \operatorname{sinc} n\tau \quad (0 < n\tau \leq \pi/2),$$

$$\min\Big\{ \big(1 - \operatorname{sinc} k\tau\big)^m : \ k \geq n \Big\} = \big(1 - \operatorname{sinc} n\tau\big)^m \quad (0 < nt \leq \pi/2),$$

навишта метавонем:

$$\Omega_m^2\big(f^{(r)}, t\big) \geq 2^m \sum_{k=n}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} k\tau\big)^m =$$

$$= 2^m \sum_{k=n}^{\infty} k^{2(r-s)} k^{2s} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} k\tau\big)^m \geq$$

$$\geq n^{2(r-s)} \Big\{ 2\big(1 - \operatorname{sinc} n\tau\big) \Big\}^m E_{n-1}^2\big(f^{(s)}\big). \quad (2.4.25)$$

Дар асоси муносибати маълум [54]

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{E_{n-1}\big(f^{(s)}\big)}{E_{n-1}\big(f^{(r)}\big)}=\frac{1}{n^{r-s}},\quad s=0,1,\ldots,r\,,$$

аз нобаробарии (2.4.25) барои ихтиёри функсияи $f\in L_2^{(r)}$, $f\neq\mathrm{const}$ ҳосил мекунем:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^{r-s}E_{n-1}\big(f^{(s)}\big)}{\Omega_m\big(f^{(r)},t\big)}\leq\Big\{2\big(1-\mathrm{sinc}\,n\tau\big)\Big\}^{-m/2}.$$

Дар ин ҷо $n\tau=t$ гузошта, бо истифода аз таърифи бузургии $\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t)$ метавон ба он баҳои болоӣ дода шавад:

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t)\leq\Big\{2\big(1-\mathrm{sinc}\,t\big)\Big\}^{-m/2}.\tag{2.4.26}$$

Бо мақсади аз поён баҳодиҳии бузургии $\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t)$ дар фазои L_2 функсияи $f_0(x)=\cos nx$ – ро дида мебароем. Азбаски барои ин функсия

$$f_0^{(s)}(x)=n^s\cos\left(nx+\frac{s\pi}{2}\right),\quad E_{n-1}\big(f_0^{(s)}\big)=n^s$$

ва

$$\Omega_m\big(f_0^{(r)},t/n\big)=n^r\Big\{2\big(1-\mathrm{sinc}\,t\big)\Big\}^{m/2}$$

мебошанд, он гоҳ ҳосил мекунем:

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}(t):=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^{r-s}E_{n-1}\big(f^{(s)}\big)}{\Omega_m\big(f^{(r)},t\big)}\geq\frac{n^{r-s}E_{n-1}\big(f_0^{(s)}\big)}{\Omega_m\big(f_0^{(r)},t\big)}=$$

$$=\frac{n^{r-s}\cdot n^s}{n^r\Big\{2\big(1-\mathrm{sinc}\,t\big)\Big\}^{m/2}}=\Big\{2\big(1-\mathrm{sinc}\,t\big)\Big\}^{-m/2}.\tag{2.4.27}$$

Аз муқоиса намудани ҳудуди болоии (2.4.26) ва ҳудуди поёнии (2.4.27), баробарии (2.4.23) ҳосил мешавад, ки бо он исботи теоремаи 2.4.1 анҷом меёбад.

Аз теоремаи нав исботкардашуда чунин натиҷа мебароянд.

Натиҷаи 2.4.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи 2.4.1 барои ҳаргуна қиматҳои* $s = 0, 1, \cdots, r$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}\left(\frac{\pi}{2}\right) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}. \tag{2.4.28}$$

Дар ҳақиқат, аз формулаи (2.2.11) барои қимати $t = \dfrac{\pi}{2}$ ҳосил мекунем:

$$\operatorname{sinc}\frac{\pi}{2} = \frac{\sin(\pi/2)}{(\pi/2)} = \frac{2}{\pi}.$$

Аз ин ҷо ва аз (2.4.23) навишта метавонем:

$$\widetilde{\mathscr{K}}_{n,m,r,s}\left(\frac{\pi}{2}\right) = \left\{2\left(1-\operatorname{sinc}\frac{\pi}{2}\right)\right\}^{-m/2} = \left\{2\left(1-\frac{2}{\pi}\right)\right\}^{-m/2} =$$

$$= \left\{2\left(\frac{\pi-2}{\pi}\right)\right\}^{-m/2} = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}.$$

§ 2.5. Дар бораи як нобаробарии байни наздиккунии муштараки беҳтарин ва модули бефосилагии бо вазни мусбат миёнакардашудаи тартиби m-ум дар фазои L_2

Дар ин параграф мо тадқиқоти худро дар ин самт идома дода, ҳудуди болоии наздиккунии муштараки беҳтарини баъзе синфи функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳоро аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ ва ҳосилаҳои мувофиқи онҳо муайян менамоем. Аниқтараш қимати аниқи бузургии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(\mathfrak{M}^{(r)}\big) := \sup\Big\{E_{n-1}(f^{(s)}) : \ f \in \mathfrak{M}^{(r)}\Big\} \tag{2.5.1}$$

– ро барои модули бефосилагии классикии тартиби олӣ ҳисоб мекунем, ки дар ин ҷо $\mathfrak{M}$ ихтиёри маҷмуи синфи функсияҳо аз фазои $L_2^{(r)}$ мебошад.

Барои ҳалли масъалаи (2.5.1) аввал теоремаи зеринро исбот мекунем.

Теоремаи 2.5.1. *Барои ҳаргуна қиматҳои $n, m \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$ ва $r \geq s$ баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s}\, E_{n-1}(f^{(s)})}{\left(\dfrac{n}{2}\displaystyle\int_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt dt\right)^{m/2}} = \frac{1}{2^{m/2}}. \tag{2.5.2}$$

Исбот. Барои ҳар як функсияи ихтиёрии $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии машҳуре мавҷуд аст, ки наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияи f ва ҳосилаҳои тартиби r-уми онро дар фазои L_2 муқоиса мекунад:

$$E_{n-1}(f) \leq n^{-r} E_{n-1}(f^{(r)}). \tag{2.5.3}$$

Бо истифода аз муносибатҳои (2.4.21)

$$E_{n-1}^2(f^{(s)}) = \sum_{k=n}^{\infty} k^{2s} \rho_k^2(f),$$

ки барои ҳамаи қиматҳои $s = 0, 1, \ldots, r$ дуруст мебошанд, меёбем:

$$E_{n-1}^2(f^{(r)}) = \sum_{k=n}^{\infty} k^{2r}\rho_k^2(f) = \sum_{k=n}^{\infty} k^{2(r-s)} k^{2s}\rho_k^2(f) \geq$$

$$\geq n^{2(r-s)} \sum_{k=n}^{\infty} k^{2s}\rho_k^2(f) = n^{2(r-s)}\, E_{n-1}(f^{(s)}),$$

аз ин ҷо мебарояд, ки

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \leq n^{-(r-s)}\, E_{n-1}(f^{(r)}). \tag{2.5.4}$$

Барои исботи баробарии (2.5.2) аз он истифода мебарем, ки барои ҳар гуна функсияи $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии зерин ҷой дорад (нигаред ба [101, с. 126]):

$$E_{n-1}(f) \leq \frac{1}{2^{m/2}\, n^r} \left(\frac{n}{2} \int_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2}. \tag{2.5.5}$$

Дар нобаробарии (2.5.5) қимати $r = 0$ гузошта, ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}(f) \leq \frac{1}{2^{m/2}} \left(\frac{n}{2} \int_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2}.$$

Акнун дар нобаробарии ҳосилшуда функсияи f – ро бо ҳосилаи тартиби r-уми он, яъне $f^{(r)}$ иваз мекунем, он гоҳ

$$E_{n-1}(f^{(r)}) \leq \frac{1}{2^{m/2}} \left(\frac{n}{2} \int_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2} \tag{2.5.6}$$

мешавад. Бо дарназардошти (2.5.6) ва нобаробарии (2.5.4) навишта метавонем:

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \leq \frac{1}{2^{m/2}\, n^{r-s}} \left(\frac{n}{2} \int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2}. \tag{2.5.7}$$

Азбаски нобаробарии (2.5.7) барои ҳар як функсияи $f \in L_2^{(r)}$ дуруст аст, бинобар ҳамин аз он баҳои болоии бузургии дар тарафи чапи баробарии (2.5.2) қарор доштаро ба даст овардан мумкин аст:

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s}\, E_{n-1}(f^{(s)})}{\left(\frac{n}{2} \int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2}} \leq \frac{1}{2^{m/2}}. \tag{2.5.8}$$

Барои аз поён баҳодиҳии бузургии додашуда, функсияи

$$f_0(x) = \cos nx \in L_2^{(r)}$$

– ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Бо ҳисобкуниҳои содда нишон додан мумкин аст, ки барои ин функсия

$$E_{n-1}\big(f_0^{(s)}\big) = n^s, \quad \omega_m^2(f_0^{(r)}, t) = 2^m n^{2r} (1 - \cos nt)^m,$$

$$\frac{n}{2} \int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt = 2\, n^{2r/m} \tag{2.5.9}$$

ва бо истифода аз онҳо менависем:

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s}\, E_{n-1}(f^{(s)})}{\left(\frac{n}{2} \int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt \right)^{m/2}} \geq$$

$$\geq \frac{n^{r-s}\,E_{n-1}(f_0^{(s)})}{\left(\dfrac{n}{2}\displaystyle\int\limits_0^{\pi/n}\omega_m^{2/m}(f_0^{(r)},t)\sin nt\,dt\right)^{m/2}} = \frac{n^{r-s}\,n^s}{(2\,n^{2r/m})^{m/2}} = \frac{1}{2^{m/2}}. \qquad (2.5.10)$$

Баробарии талабкардашудаи (2.5.2) аз муқоисакунии баҳои болоии (2.5.8) ва баҳои поёнии (2.5.10) ба даст оварда мешавад ва бо ҳамин исботи теоремаи 2.5.1 – ро анҷом медиҳем.

Аз теоремаи 2.5.1 натиҷаҳои зеринро гирифтан мумкин аст.

Натиҷаи 2.5.1. *Барои ҳаргуна $n, m \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва функсияи ихтиёрии $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \leq 2^{-m/2}n^{-(r-s)}\omega_m(f^{(r)}, \pi/n). \qquad (2.5.11)$$

Исбот. Бо дарназардошти он, ки функсияи $\omega_m(f^{(r)}, t)$ дар порчаи $[0, \pi/n]$ камнашаванда мебошад, аз (2.5.6) ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \leq \frac{1}{2^{m/2}n^{r-s}}\left(\omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{n}\right)\frac{n}{2}\int\limits_0^{\pi/n}\sin nt\,dt\right)^{m/2} \leq$$

$$\leq \frac{1}{2^{m/2}n^{r-s}}\,\omega_m\big(f^{(r)}, \pi/n\big)$$

ва аз ин ҷо якбора нобаробарии (2.5.11) мебарояд.

Аммо, агар функсияи $\omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)$ барои ҳаргуна қимати $t \in [0, \pi/(2n)]$ шарти

$$2\,\omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, \pi/(2n)\big) \geq \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big) + \omega_m^{2/m}\Big(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\Big) \qquad (2.5.12)$$

қаноат кунонад, дар ҳолати хусусӣ, агар дар сегменти $[0, \pi/n]$ барҷаста бошад, он гоҳ нобаробарии (2.5.11) – ро аниқ кардан мумкин аст.

Дар ҳақиқат, бо такрори таҳлилҳои дар китоби [43, с.266] овардашуда, нисбат ба интеграли дар қисми рости (2.5.6) қарор дошта, бо истифода аз функсия

$$l(t) = \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)$$

ба ҷои функсияи хаттӣ ҳангоми $t \in [0, \pi/(2n)]$ ва

$$l(t) = 2\,\omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, \pi/(2n)\big) - \omega_m^{2/m}\Big(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\Big)$$

ҳангоми $t \in [\pi/(2n), \pi/n]$ тасдиқоти зеринро ҳосил мекунем.

Натиҷаи 2.5.2. *Дар маҷмуи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$, ки барои онҳо функсияи $\omega_m(f^{(r)}, t)$ шарти (2.5.12) – ро қаноат мекунонад, нобаробарии*

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \le 2^{-m/2} n^{-(r-s)}\,\omega_m\big(f^{(r)}, \pi/(2n)\big) \tag{2.5.13}$$

иҷро мегардад, ки барои функсияи $f_0(x) = \cos nx \in L_2^{(r)}$ ба баробарӣ мубаддал мегардад.

Исбот. Дар ҳақиқат, аз интеграли дар қисми рости нобаробарии (2.5.6) ҳосил мекунем:

$$\frac{n}{2}\int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)\sin nt\,dt =$$

$$= \frac{n}{2}\left\{\int\limits_0^{\pi/(2n)} \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big)\sin nt\,dt + \int\limits_{\pi/(2n)}^{\pi/n} \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big)\sin nt\,dt\right\}. \tag{2.5.14}$$

Дар интеграли дуюми дар қавси фигуравӣ буда, гузориши $t = \dfrac{\pi}{n} - u$ – ро дохил мекунем:

$$\int\limits_{\pi/(2n)}^{\pi/n} \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big) \sin nt\, dt = \left| \begin{array}{c} t = \dfrac{\pi}{n} - u \;\Rightarrow\; dt = -du \\ x = \pi/(2n) \;\Rightarrow\; u = \pi/(2n), \\ x = \pi/n \;\Rightarrow\; u = 0 \end{array} \right| =$$

$$= - \int\limits_{\pi/(2n)}^{0} \omega_m^{2/m}\Big(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\Big) \sin nt\, dt = \int\limits_{0}^{\pi/(2n)} \omega_m^{2/m}\Big(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\Big) \sin nt\, dt.$$

Он гоҳ аз баробарии (2.5.14) дар асоси ифодаи охирон ҳангоми иҷро шудани шарти (2.5.12) меёбем:

$$\frac{n}{2} \int\limits_{0}^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin nt\, dt =$$

$$= \frac{n}{2} \int\limits_{0}^{\pi/(2n)} \left\{ \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) + \omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\right) \right\} \sin nt\, dt \le$$

$$\le \frac{n}{2} \int\limits_{0}^{\pi/(2n)} 2\, \omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\right) \sin nt\, dt = \omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\right). \qquad (2.5.15)$$

Акнун аз нобаробарии (2.5.6) дар асоси (2.5.14) менависем:

$$E_{n-1}(f^{(s)}) \le 2^{-m/2} n^{-(r-s)} \left(\frac{n}{2} \int\limits_{0}^{\pi/n} \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, t\big) \sin nt\, dt \right)^{m/2} \le$$

$$\le 2^{-m/2} n^{-(r-s)} \left(\omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\right)\right)^{m/2} = 2^{-m/2} n^{-(r-s)} \omega_m\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\right)$$

ва аз ин ҷо нобаробарии (2.5.13) мебарояд.

Дақиқ будани нобаробарии (2.5.13) барои функсияи $f_0(x) = \cos nx \in L_2^{(r)}$ аз баробариҳои (2.5.9) бармеояд, яъне

$$2^{-m/2} n^{-(r-s)} \omega_m\left(f_0^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\right) =$$

$$= 2^{-m/2} n^{-(r-s)} \cdot 2^{m/2}\, n^r \left(1 - \cos n\,\frac{\pi}{2n}\right)^{m/2} = n^s = E_{n-1}\big(f_0^{(s)}\big)$$

ва бо ҳамин натиҷаи 2.5.2 пурра исбот шуд.

Натиҷаи 2.5.3. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои натиҷаи 2.5.2 баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f^{(s)})}{\omega_m(f^{(r)}, \pi/(2n))} = \frac{1}{2^{m/2}}. \tag{2.5.16}$$

Исбот. Дар ҳақиқат, аз як тараф аз нобаробарии (2.5.13) мебарояд, ки

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f^{(s)})}{\omega_m(f^{(r)}, \pi/(2n))} \le \frac{1}{2^{m/2}} \tag{2.5.17}$$

ва аз тарафи дигар дар асоси баробарии (2.5.9) навишта метавонем

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f^{(s)})}{\omega_m(f^{(r)}, \pi/(2n))} \ge \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f_0^{(s)})}{\omega_m(f_0^{(r)}, \pi/(2n))} = \frac{n^{r-s} \cdot n^s}{2^{m/2} \cdot n^r} = \frac{1}{2^{m/2}}\,. \tag{2.5.18}$$

Баробарии (2.5.16) натиҷаи муқоисакунии нобаробариҳои (2.5.17) ва (2.5.18) мебошад. Натиҷаи 2.5.2 исбот шуд.

§ 2.6. Нобаробариҳое, ки наздиккунии беҳтарини полиномиалӣ ва модули бефосилагии $\omega(f,t)$ – ро дар фазои L_2 дар бар мегиранд

Дар ин ҷо нобаробариҳои аниқ байни наздиккунии беҳтарини полиномиалӣ ва қимати модули бефосилагии миёнакардашудаи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ дар нормаи фазои L_2 ёфта шудаанд.

Қайд мекунем, ки $L_2^{(r)}$ $(r \in \mathbb{Z}_+,\ L_2^{(0)} \equiv L_2)$ маҷмуи функсияҳои $f \in L_2$, ки барояшон ҳосилаи тартиби $(r-1)$-ум, яъне $f^{(r-1)}$ мутлақ бефосила буда, ҳосилаҳои тартиби r-ум, яъне $f^{(r)} \in L_2$ мебошанд.

Модули бефосилагии ихтиёри функсияи 2π-даврии бо квадрат суммиронидашавандаи $f(x) \in L_2$ – ро бо символи

$$\omega(f,t) = \sup\Big\{\big\|f(\cdot+t) - f(\cdot)\big\|:\ |t| \le h\Big\} \tag{2.6.1}$$

ишора мекунем, ки дар ин ҷо

$$\big\|f(\cdot+t) - f(\cdot)\big\| = \left\{\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}\big|f(x+t) - f(x)\big|^2 dx\right\}^{1/2}$$

мебошад.

Теоремаи зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.6.1. *Бигузор $r \in \mathbb{Z}_+$, $n \in \mathbb{N}$ бошад. Он гоҳ муносибатҳои зерин ҷой доранд:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^r E_{n-1}(f)}{\left\{\dfrac{1}{h}\displaystyle\int\limits_0^h \omega^2(f^{(r)},t)dt\right\}^{1/2}} = \frac{nh}{2\big(nh - \sin nh\big)}, \quad 0 < nh \le \pi/2; \tag{2.6.2}$$

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{\sqrt{2}\, n^r E_{n-1}(f)}{\left\{\dfrac{2}{h^2}\displaystyle\int\limits_0^h (h-t)\omega^2(f^{(r)},t)dt\right\}^{1/2}} =$$

$$= \left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{-1/2}, \quad 0 < nh \le \pi\,. \quad (2.6.3)$$

Исбот. Баробарии (2.6.2) натиҷаи теоремаи 1 аз кори [66, с. 434] мебошад. Бинобар ҳамин, ба исботи баробарии (2.6.3) мегузарем. Тибқи мулоҳизарониҳои Л.В. Тайков [66], бе маҳдуд кардани умумият, метавонем функсияҳои $f(x)$ – ро баррасӣ намоем, ки ба ҳамаи бисёраъзогиҳои $T_{n-1}(x) \in \mathcal{T}_{2n-1}$ ортогоналӣ мебошанд:

$$f(x) \sim \sum_{k=n}^{\infty} \big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\big).$$

Он гоҳ барои фарқи тартиби якуми ин функсия

$$\Delta^2(f,h) = \|f(\cdot + h) - f(\cdot)\|^2 =$$

$$= 2\sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)(1-\cos kh) = 2E_{n-1}^2(f) - 2\sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\cos kh$$

мешавад. Баробарии ҳосилшударо нисбат ба h дар фосилаи аз $h = 0$ то $h = t$ интегронида, навишта метавонем:

$$2t\, E_{n-1}^2(f) = 2\sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\,\frac{1}{k}\sin kt + \int\limits_0^t \Delta^2(f,h)dh.$$

Ҳар ду тарафи баробарии охиронро ба $2t$ тақсим намуда, бо дарназардошти нобаробарии

$$\Delta^2(f,h) \le \omega^2(f,h)$$

ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}^2(f) \le \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2 \,\frac{\sin kt}{kt} + \frac{1}{2t}\int\limits_0^t \omega^2(f,u)du. \tag{2.6.4}$$

Агар фарз кунем, ки функсия $f \in L_2^{(r)}$ бошад, пас аз (2.6.4) бо назардошти нобаробарии

$$\omega^2(f,u) \le n^{-2r}\,\omega^2(f^{(r)},u)$$

чунин натиҷа мегирем:

$$E_{n-1}^2(f) \le \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\,\frac{\sin kt}{kt} + \frac{1}{2t}\cdot\frac{1}{n^{2r}}\int\limits_0^t \omega^2(f^{(r)},u)du. \tag{2.6.5}$$

Агар ҳар ду тарафи нобаробарии (2.6.5) – ро ба t зарб зада, нисбат ба t аз $t=0$ то $t=h$ меинтегронем, он гоҳ чунин нобаробарӣ ба даст меорем:

$$\frac{h^2}{2}E_{n-1}^2(f) \le \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\,\frac{1-\cos kh}{k^2} + \frac{1}{2}\cdot\frac{1}{n^{2r}}\int\limits_0^h\int\limits_0^t \omega^2(f^{(r)},u)\,dudt. \tag{2.6.6}$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (2.6.7) ба $\dfrac{2}{h^2}$ зарб зада, онро дар намуди

$$E_{n-1}^2(f) \le \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\,\frac{2(1-\cos kh)}{(kh)^2} + \frac{1}{n^{2r}}\cdot\frac{1}{h^2}\int\limits_0^h\int\limits_0^t \omega^2(f^{(r)},u)\,dudt \tag{2.6.7}$$

менависем. Барои интеграли дар тарафи рости нобаробарии (2.6.7) формулаи интегронӣ аз руи ҳиссаҳоро татбиқ мекунем, он гоҳ

$$\int_0^h \int_0^t \omega^2(f^{(r)},u)dudt = \int_0^h \left(\int_0^t \omega^2(f^{(r)},u)du\right) dt =$$

$$= t\left(\int_0^t \omega^2(f^{(r)},u)du\right)\Bigg|_{t=0}^{t=h} - \int_0^h t\,\omega^2(f^{(r)},t)dt =$$

$$= h\int_0^h \omega^2(f^{(r)},u)du - \int_0^h t\,\omega^2(f^{(r)},t)dt = \int_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)},t)dt \qquad (2.6.8)$$

мешавад. Бо истифода аз баробарии (2.6.8), нобаробарии (2.6.7)-ро дар шакли зерин менависем:

$$E_{n-1}^2(f) \le \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\left(\frac{2}{kh}\sin\frac{kh}{2}\right)^2 + \\ + \frac{1}{n^{2r}}\cdot\frac{1}{h^2}\int_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)},t)dt. \quad (2.6.9)$$

Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки барои қимати $0 < nh \le \pi$ баробарии

$$\max_{u\ge nh}\left(\frac{2}{u}\sin\frac{u}{2}\right)^2 = \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2$$

ҷой дорад. Бинобар ҳамин, дар асоси ин баробарӣ аз (2.6.9) меёбем:

$$E_{n-1}^2(f) \le \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2 \sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f) + \frac{1}{n^{2r}} \cdot \frac{1}{h^2} \int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)}, t)dt =$$

$$= \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2 E_{n-1}^2(f) + \frac{1}{n^{2r}} \cdot \frac{1}{h^2} \int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)}, t)dt,$$

ё ин ки

$$E_{n-1}^2(f) \left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\} \le \frac{1}{n^{2r}} \cdot \frac{1}{h^2} \int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)}, t)dt.$$

Нобаробарии ҳосилшударо дар шакли ба мо мувофиқ барои идомаи тадқиқ чунин менависем:

$$E_{n-1}(f) \le$$

$$\le \left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{-1/2} \frac{1}{n^r} \left\{\frac{1}{h^2} \int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)}, t)dt\right\}^{1/2}. \qquad (2.6.10)$$

Аз нобаробарии (2.6.10) барои функсияи ихтиёрии $f \in L_2^{(r)}$ ва қимати $0 < nh \le \pi$ баҳои болоии (2.6.3) – ро ҳосил мекунем:

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{\sqrt{2}\, n^r E_{n-1}(f)}{\left(\dfrac{2}{h^2} \displaystyle\int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f^{(r)}, t)dt\right)^{1/2}} \le \left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{-1/2}. \qquad (2.6.11)$$

Азбаски барои функсияи экстремалии қаблан баррасишудаи

$$f_0(x) = \cos nx \in L_2^{(r)},$$

ҳангоми $0 < nt \leq \pi$, бар асоси (2.1.1) ва (2.1.5) баробариҳои зерин иҷро мешаванд:

$$E_{n-1}(f_0) = 1, \quad \omega^2(f_0^{(r)}, t) = 2n^{2r}(1 - \cos nt),$$

$$\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\,\omega^2(f_0^{(r)}, t)dt = 2n^{2r}\left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\},$$

пас, бо истифода аз баробарии бадастомада, қимати баҳои поёниро менависем:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{\sqrt{2}n^r E_{n-1}(f)}{\left(\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\omega^2(f^{(r)}, t)dt\right)^{1/2}} \geq$$

$$\geq \frac{\sqrt{2}n^r E_{n-1}(f_0)}{\left(\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\omega^2(f_0^{(r)}, t)dt\right)^{1/2}} =$$

$$= \frac{\sqrt{2}n^r}{\sqrt{2}n^r\left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{1/2}} = \left\{1 - \left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{-1/2}. \quad (2.6.12)$$

Баробарии талабкардашудаи (2.6.3)-ро ҳангоми муқоисакунии баҳоҳои болоӣ (2.6.11) ва поёнии (2.6.12) ба даст меорем ва бо ҳамин исботи теоремаи 2.6.1 – ро ба поён мерасонем.

БОБИ 3. Ҳалли баъзе масъалаҳои экстремалӣ ва қимати аниқи n-қутрҳо

Ҳадафи асосии тадқиқот дар ин боб ҳисоб кардани қимати аниқи қутрҳои гуногун барои синфҳои функсияҳои дифференсиронидашаванда, ки аз натиҷаҳои дар боби дуюм гирифташуда бармеоянд, мебошад.

То ба имрӯз дар масъалаи ёфтани қимати аниқи n-қутрҳои синфҳои функсияҳои яктағйирёбандаи ҳақиқӣ як қатор натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст овар-да шудаанд (нигаред, масалан, [74]).

Аммо, новобаста аз натиҷаҳои бисёр дар ин самт [6, 15–19, 21–23, 48–50, 67–69, 77–79, 82, 84–89, 107–111], барои функсияҳои дифференсиронидашавандаи 2π-даврӣ бисёре аз масъалаҳои экстремалӣ аз руи самти додашуда то ҳол ҳалли ниҳоии худро наёфтаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия ҳадафи асосии мо аз ҳисоб намудани қимати аниқи n-қутрҳо барои баъзе синфҳои функсияҳои дифференсиронидашаванда мебошад, ки тавассути модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби олӣ дар фазои L_2 дода шудаанд. Дар асоси баъзе шартҳои маҳдудияте, ки барои баъзе синфи функсияҳои дидабаромадашаванда гузошта мешаванд, имконияти ёфтани қимати аниқи n-қутрҳо ба вуҷуд меояд.

Айни замон барои баҳогузории поёнии n-қутрҳо, усули асосии истифодашаванда ин усули пешниҳоднамудаи В.М. Тихомиров [72] ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки усуле, ки барои баҳодиҳии болоии n-қутрҳо истифода бурда мешавад, дар замонҳои гуногун аз ҷониби К.И. Бабенко [11], В.М. Тихомиров [72–74], Л.В. Тайков [66–69], С.Б. Вакарчук [15–23], М.Ш. Шабозов [88–90, 93–96, 99, 100] ва бисёр олимони дигар ба кор бурда шудааст.

Акнун мо таърифҳо ва нишонаҳои заруриеро, ки дар идомаи тадқиқот дар диссертатсия истифода хоҳанд шуд, меорем.

Бигузор X — ихтиёри фазои банахӣ бошад, $\mathfrak{M} \subset X$ — ягон синфи функсияҳо бошад ва бигузор $L_n \subset X$ — як зерфазои ченакаш n бошад. Бузургии

$$E_n(\mathfrak{M})_X := E(\mathfrak{M}, L_n)_X = \sup\Big\{E(f; L_n)_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\} =$$

$$= \sup\Big\{\inf\Big\{\|f-g\|_X : \ g \in L_n\Big\} : \ f \in \mathfrak{M}\Big\} \quad (3.0.1)$$

– ро наздиккунии беҳтарини синфи $\mathfrak{M}$ аз руи зерфазоҳои L_n – и ченакаш додашудаи n меноманд. Бузургии (3.0.1) тамоили синфи $\mathfrak{M}$-ро аз зерфазои L_n дар метрикаи фазои X тавсиф мекунад.

Агар тавассути $\mathcal{L}(X, L_n)$ маҷмуи ҳамаи операторҳои бефосилаи $A : X \to L_n$, ки аз фазои X ба зерфазои дилхоҳи $L_n \subset X$ бо ченаки n амал мекунанд, ифода намоем, он гоҳ масъалаи зерин ба миён меояд: бузургии

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf\Big\{\sup\Big\{\Big\|f - Af\Big\|_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\} : A \in \mathcal{L}(X, L_n)\Big\} \quad (3.0.2)$$

ёфта шуда, оператори $A_* \subset \mathcal{L}(X, L_n)$ нишон дода шавад, ки дорои сарҳади аниқи поёнӣ дар (3.0.2) бошад, яъне

$$\mathcal{E}_n(\mathfrak{M})_X = \sup\Big\{\Big\|f - A_* f\Big\|_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\}$$

бошад.

Масъаларо (3.0.2) метавон дар маънои маҳдудтар баррасӣ кард: сарҳади поёниро на аз тамоми маҷмуи операторҳои бефосилаи $\mathcal{L}(X, L_n)$, ки $A : X \to L_n$ мебошанд, ҷустуҷӯ кардан лозим аст, балки танҳо дар як синфи муайяни чунин операторҳо, ки бо тарзи муайян мушаххас мешаванд. Дар ҳолати хусусӣ, метавон дар $\mathcal{L}(X, L_n)$ синфи операторҳои бефосилаи $A : X \to L_n$ ҷудо карда, бузургии зеринро тадқиқ намуд:

$$\mathcal{E}_n^{\mathcal{L}}(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}^{\mathcal{L}}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf\Big\{\sup\Big\{\Big\|f - Af\Big\|_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\} : A \subset \mathcal{L}(X, L_n)\Big\}. \quad (3.0.3)$$

Агар чунин оператори $A^* : X \to L_n$ мавҷуд бошад, ки дар он сарҳади саҳеҳи поёнӣ дар (3.0.3) доро мешавад, он гоҳ чунин оператор усули наздиккунии беҳтарини хаттиро дар масъалаи (3.0.3) муайян мекунад, яъне

$$\mathcal{E}_n^{\mathcal{L}}(\mathfrak{M})_X = \sup\Big\{\Big\|f - A^*f\Big\|_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\}.$$

Агар дар дохили $\mathcal{L}(X, L_n)$ синфи операторҳои $\mathcal{L}^{\perp}(X, L_n)$ ҷудо карда шавад — яъне он операторҳои хаттии проексионӣ ба зерфазои L_n, ки барои ҳар як $f \in L_n$ шарти $Af = f$ иҷро мешавад — одатан бузургии зеринро тадқиқ карда мешавад:

$$\mathcal{E}_n^{\perp}(\mathfrak{M})_X := \mathcal{E}^{\perp}(\mathfrak{M}, L_n)_X =$$

$$= \inf\Big\{\sup\Big\{\Big\|f - Af\Big\|_X : \ f \in \mathfrak{M}\Big\} : A \subset \mathcal{L}^{\perp}(X, L_n)\Big\}. \quad (3.0.4)$$

Бо бузургиҳои (3.0.1) – (3.0.4) масъалаи ёфтани қимати n-қутрҳо барои синфи функсияҳои гуногуни $\mathfrak{M}$ алоқаманд мебошад.

Акнун таърифҳои n-қутрҳоро ба ёд меорем, ки қиматҳои онҳо барои синфҳои муайяни $\mathfrak{M}$ дар ин боб ҳисоб карда мешаванд.

n-қутри ба маънои А.Н. Колмогорови [73] синфи функсияҳои $\mathfrak{M}$ дар фазои X бузургии

$$d_n(\mathfrak{M}, X) = \inf\Big\{E(\mathfrak{M}, L_n)_X : \; L_n \subset X\Big\} \tag{3.0.5}$$

номида мешавад, ки сарҳади поёнӣ аз руи ҳамаи зерфазоҳои ченакаш додашудаи n дар фазои X ҳисоб карда мешавад.

Агар ба наздиккунии беҳтарини хаттӣ $\mathcal{E}^{\mathcal{L}}(\mathfrak{M}, L_n)_X$ такя намоем, он гоҳ бузургии

$$\lambda_n(\mathfrak{M}, X) = \inf\Big\{\mathcal{E}^{\mathcal{L}}(\mathfrak{M}, L_n)_X : \; L_n \subset X\Big\} \tag{3.0.6}$$

n-қутри хаттии синфи $\mathfrak{M}$ дар фазои X номида мешавад.

Ба ҳамин монанд, агар бузургии (3.0.4) бар асос гирифта шавад, он гоҳ n-қутри проексионӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, яъне

$$\pi_n(\mathfrak{M}, X) = \inf\Big\{\mathcal{E}^{\perp}(\mathfrak{M}, L_n)_X : \; L_n \subset X\Big\}. \tag{3.0.7}$$

Инчунин ду бузургии дигар, ки дар назарияи наздиккунии функсияҳо бо номҳои „n-қутри гелфандӣ" ва „n-қутри бернштейнӣ" мавҷуданд.

Бигузор S – кураи воҳидӣ дар фазои X бошад, яъне

$$S = \Big\{x \in X, \; \|x\|_X \leq 1\Big\}.$$

Бузургии

$$d^n(\mathfrak{M}, X) = \inf\Big\{\inf\Big\{\mathfrak{M} \cap L^n \subset \varepsilon S : \; \varepsilon > 0\Big\} : \; L^n \subset X\Big\}, \tag{3.0.8}$$

ки дар ин ҷо инфимум аз руи ҳамаи зерфазоҳои L^n-и ҳамандозаи n гирифта мешавад, n-қутри гелфандӣ меноманд.

Бузургии

$$b_n(\mathfrak{M}, X) = \sup\Big\{\sup\Big\{\varepsilon S \cap L_{n+1} \subset \mathfrak{M} : \ \varepsilon > 0\Big\} : \ L_{n+1} \subset X\Big\} \qquad (3.0.9)$$

n-қутри бернштейнӣ номида мешавад.

Агар X — фазои гилбертӣ бошад, он гоҳ байни n-қутрҳои (3.0.5) – (3.0.9) нобаробариҳои зерин иҷро мешаванд [73, 119]:

$$b_n(\mathfrak{M}, X) \le d^n(\mathfrak{M}, X) \le d_n(\mathfrak{M}, X) = \lambda_n(\mathfrak{M}, X) = \pi_n(\mathfrak{M}, X). \qquad (3.0.10)$$

Нобаробарии якум $b_n(\mathfrak{M}; X) \le d^n(\mathfrak{M}; X)$ дар (3.0.10) – ро дар монографияи A. Pinkus [119, с. 19] ва нобаробариҳои боқимондаро дар монографияи В.М. Тихомиров [73, с. 239] ёфтан мумкин аст.

Дар идомаи кори диссертатсионӣ ҳангоми ҳисоб кардани қимати n-қутрҳои овардашуда истифода бурдани тасдиқоти зерин, ки аз теорема оид ба қутри кура бармеояд, хеле муфид мебошад [73, с. 239]:

Теорема. *Бигузор $\mathfrak{M}$ — маҷмуи марказӣ-симметрӣ дар фазои L_2 бошад ва $\gamma_n(\mathfrak{M}, X)$ — ихтиёри яке аз n-қутрҳои* (3.0.5) – (3.0.9) *буда,*

$$d_n(\mathfrak{M}, X) \le R$$

бошад. Агар $S_{n+1} = \{x : \ \|x\| \le R\}$, ки ченакаш аз $n + 1$ хурд нест, дар дохили синфи $\mathfrak{M}$ буда, дорои радиуси R бошад, он гоҳ

$$b_n(S_{n+1}, X) \ge R \quad \textit{ва} \quad \gamma_n(\mathfrak{M}, X) = R$$

мешавад.

§ 3.1. Ҳалли масъалаи экстремалии (2.5.1) барои баъзе синфи функсияҳои дифференсиронидашавандаи 2π-даврӣ

Ёфтани қимати аниқи бузургии (2.4.22) дар ҳалли баъзе масъалаҳои экстремалии наздиккунии муштараки беҳтарини синфи функсияҳои бо модули бефосилагӣ додашуда нақши муҳимро мебозад. Бо истифода аз таърифи модули бефосилагии умумикардашуда (2.2.1) синфи зеринро дар фазои L_2 муайян мекунем.

Бигузор $\Phi(t),\ t \geq 0$ — ихтиёри функсияи афзуншаванда буда, барои $t > 0$ $\Phi(t) > 0$ ва $\lim\big\{\Phi(t):\ t \to 0\big\} = \Phi(0) = 0$ бошад. Функсияи $\Phi(t)$ – ро мажоранта меноманд.

Зери $W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)$ (дар ин ҷо $r \in \mathbb{Z}_+,\ m \in \mathbb{N}$) маҷмуи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ фаҳмида мешавад, ки ҳосилаҳои дараҷаи r-уми онҳо $f^{(r)}$ ба маҳдудияти

$$\Omega_m\big(f^{(r)}, t\big) \leq \Phi(t), \quad \forall t > 0. \tag{3.1.1}$$

итоат мекунанд.

Талаб карда мешавад, ки бузургии наздиккунии муштараки синфи функсияҳои $W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)$ ёфта шавад, аниқтараш, талаб карда мешавад, ки қимати бузургии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)\big) = \sup\Big\{E_{n-1}\big(f^{(s)}\big):\ f \in W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)\Big\} \tag{3.1.2}$$

ёфта шавад.

Дар ин ҷо теоремаи зерин исбот карда мешавад.

Теоремаи 3.1.1. *Бигузор барои қимати* $n \in \mathbb{N}$ *мажорантаи* $\Phi(t)$ *шарти зеринро қаноат кунонад:*

$$\frac{\Phi^2\big(\pi t/(2n)\big)}{\Phi^2\big(\pi/(2n)\big)} \geq$$
$$\geq \left(\frac{\pi}{\pi-2}\right)^m \cdot \begin{cases} \big(1 - sinc\,(\pi t/2)\big)^m, & \textit{агар} \quad 0 < t \leq 2, \\ 2^m \left(1 - \dfrac{1}{t}\right)^m, & \textit{агар} \quad 2 \leq t < \infty. \end{cases} \tag{3.1.3}$$

Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)\big) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right). \tag{3.1.4}$$

Маҷмуи мажорантаҳои $\{\Phi\}$, *ки шарти* (3.1.3) – *ро қаноат мекунонад, холӣ нест.*

Исбот. Дар ҳақиқат, аз нобаробарии (2.4.25) барои функсияи ихтиёрии $f \in L_2^{(r)}$ навишта метавонем:

$$E_{n-1}\big(f^{(s)}\big) \leq \frac{1}{n^{r-s}} \Big\{2\big(1 - \operatorname{sinc} n\tau\big)\Big\}^{-m/2} \Omega_m\big(f^{(r)}, t\big). \tag{3.1.5}$$

Дар нобаробарии (3.1.5) қимати $t = \pi/(2n)$ – ро гузошта, бо дар назар доштани он, ки $f \in W^{(r)}\big(\Omega_m, \Phi\big)$ аст, баҳогузории болоии бузургии дар тарафи чапи баробарии (3.1.4) истодаро ҳосил мекунем:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W^{(r)}(\Omega_m, \Phi)\big) \leq \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right). \tag{3.1.6}$$

Бо ҳадафи дарёфти баҳогузории поёнӣ, функсияи муайяни

$$f_1(x) := \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right) \frac{1}{n^r} \cos nx. \tag{3.1.7}$$

– ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Барои ин функсия

$$f_1^{(s)}(x) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right) \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \cos\left(nx + \frac{s\pi}{2}\right), \quad s = 0, 1, \cdots, r$$

мешавад. Ғайр аз ин, бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки

$$E_{n-1}\big(f_1^{(s)}\big) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)$$

аст. Азбаски функсияи $f_1 \in \mathscr{T}_{2n-1}$ ва мажорантаи Φ шартҳои (3.1.3) - ро қаноат мекунонад, он гоҳ функсияи $f_1 \in W^{(r)}\big(\Omega_m, \Phi\big)$ мебошад. Пас мо баҳодиҳии болоии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W^{(r)}\big(\Omega_m, \Phi\big)\big) \geq E_{n-1}\big(f_1^{(s)}\big) = \\ = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right) \quad (3.1.8)$$

– ро ҳосил мекунем. Аз муқоисакунии нобаробариҳои (3.1.6) ва (3.1.8) баробарии (3.1.4) ба даст меояд.

Акнун нишон медиҳем, ки функсияи $\Phi_1(t) = t^{m/(\pi-2)}$ мажорантае мебошад, ки барои ихтиёри $n \in \mathbb{N}$ шарти (3.1.3) – ро қаноат мекунонад. Дар тарафи чапи (3.1.3) ба ҷои $\Phi_1(t)$ қимати онро гузошта, ҳар ду тарафи ифодаро ҳосилшударо ба дараҷаи $1/m$ бардошта, нобаробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$t^{2/(\pi-2)} \leq \left(\frac{\pi}{\pi-2}\right)^m \cdot \begin{cases} \big(1 - \operatorname{sinc}(\pi t/2)\big)^m, & \text{агар} \quad 0 < t \leq 2, \\ 2^m \left(1 - \dfrac{1}{t}\right)^m, & \text{агар} \quad 2 \leq t < \infty, \end{cases} \quad (3.1.9)$$

ки дурустии онҳо бояд исбот карда шавад. Барои ҳамин, ҳангоми $0 < t \leq 2$ фарқи зеринро дида мебароем:

$$t^{2/(\pi-2)} - \frac{\pi}{\pi-2}\big(1 - \operatorname{sinc}(\pi t/2)\big) = \frac{1}{t}\left\{t^{\pi/(\pi-2)} - \frac{\pi}{\pi-2}\left(t - \frac{2}{\pi}\sin\frac{\pi t}{2}\right)\right\}.$$

Функсияи дар қавси фигуравӣ будаи баробарии охирон ғайриманфӣ мебошад. Дар ҳақиқат,

$$\varphi(t) = t^{\pi/(\pi-2)} - \frac{\pi}{\pi-2}\left(t - \frac{2}{\pi}\sin\frac{\pi t}{2}\right)$$

дар атрофи кифоя хурди нулӣ $\varphi(t) < 0$ мебошад. Ва агар $\varphi(t)$ дар интервали $(0,1)$ аломаташро тағйир медод, он гоҳ $\varphi(0) = \varphi(1) = 0$ – ро ба назар гирифта, ҳосилаи он

$$\varphi'(t) = \frac{\pi}{\pi-2}\left(t^{2/(\pi-2)} - 1 + \cos\frac{\pi t}{2}\right)$$

ҳатман дар интервали $(0,1)$ на камтар аз ду сифр медошт. Ғайр аз ин қимати ҳосила дар охирҳои сегмент $\varphi'(0) = \varphi'(1) = 0$ мебошанд. Пас ҳосилаи тартиби дуюми функсия

$$\varphi''(t) = \frac{\pi}{\pi-2}\left(\frac{2}{\pi-2}t^{(4-\pi)/(\pi-2)} - \frac{\pi}{2}\sin\frac{\pi t}{2}\right)$$

ақаллан дар интервали $(0,1)$ дорои се сифр мебошад. Аз ин ҷо мебарояд, ки ҳосилаи тартиби сеюми ин функсия, яъне

$$\varphi'''(t) = \frac{\pi}{\pi-2}\left(\frac{2}{\pi-2}\cdot\frac{4-\pi}{\pi-2}\,t^{(6-2\pi)/(\pi-2)} - \left(\frac{\pi}{2}\right)^2\cos\frac{\pi t}{2}\right)$$

низ дар интервали $(0,1)$ дорои се сифр мебошад, ки ин номумкин аст, чунки функсияи $\varphi'''(t)$ фарқи ду функсияҳои барҷаста ва фурӯхамида мебошад.

Агар $1 < t \leq 2$ бошад, он гоҳ аз шартҳои $\varphi(1) = \varphi'(1) = 0$ ва $\varphi''(t) < 0$ мебарояд, ки $\varphi(t) < 0$ мебошад, ки ин иҷрошавии шарти якуми нобаробариро дар (3.1.3) нишон медиҳад.

Дар ҳолати $2 \leq t < \infty$ фарқи

$$t^{2/(\pi-2)} - \frac{2\pi}{\pi-2}\left(1 - \frac{1}{t}\right) = \frac{1}{t}\left\{t^{\pi/(\pi-2)} - \frac{2\pi}{\pi-2}\big(t-1\big)\right\}$$

– ро тадқиқ менамоем. Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки ифодаи дар қавси фигуравӣ будаи баробарии охирон функсияи мусбат ва монотони афзуншаванда мебошад. Пас аз ин ҷо мебарояд, ки шарти дуюми нобаробарии (3.1.3) ҳам ҷой дорад. Теоремаи 3.1.1 пурра исбот карда шуд.

Барои пешниҳод намудани натиҷаи дигар аввал синфи функсияҳои зеринро дохил мекунем.

Бигузор барои ихтиёри қиматҳои $m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва $u \in [0, 2\pi]$

$$W_m^{(r)}(\Phi) := \left\{ f \in L_2^{(r)} : \ \frac{\pi}{2u}\int\limits_0^u \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)\sin\frac{\pi}{u}t\,dt \leq \Phi^2(u) \right\}$$

синфи функсияҳо дар $L_2^{(r)}$ бошад. Гузориши

$$\big(1 - \cos nh\big)_* := \begin{cases} 1 - \cos nh, & \text{агар} \quad 0 < nh \leq \pi, \\ 2, & \text{агар} \quad nh > \pi \end{cases}$$

– ро дохил мекунем. Барои ҳаргуна қиматҳои $h \geq 0$ $j \leq n$ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\big(1 - \cos jh\big) \leq \big(1 - \cos nh\big)_*.$$

Натиҷаи теоремаи 2.5.1 ба мо имконият медиҳад, ки масъалаи экстремалии (2.5.1) – ро ҳангоми $\mathfrak{M}^{(r)} := W_m^{(r)}(\Phi)$ будан, ҳал намоем. Дар ин ҷо теоремаи зерин исбот шудааст.

Теоремаи 3.1.2. *Бигузор функсияи* Φ *шартҳои*

$$\Phi^2\left(\frac{u}{\mu}\right)\int\limits_0^{\mu\pi}(1-\cos t)_*\sin\frac{t}{\mu}\,dt\le 2\mu\,\Phi^2(u) \tag{3.1.10}$$

– ро барои ҳаргуна $\mu>0$ *ва ихтиёри* $u\in(0,2\pi]$ *қаноат кунонад. Он гоҳ барои қиматҳои* $m,n\in\mathbb{N};\ r,s\in\mathbb{Z}_+;\ r>s$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}^{(s)}_{n-1}\big(W^{(r)}_m(\Phi)\big)=2^{-m/2}\,n^{-r+s}\,\Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right). \tag{3.1.11}$$

Исбот. Барои ихтиёри функсияи $f\in W^{(r)}_m(\Phi)$, бо истифода аз таърифи синфи $W^{(r)}_m(\Phi)$, аз нобаробарии (2.5.7) получаем

$$E_{n-1}(f^{(s)})\le$$

$$\le\frac{1}{2^{m/2}\,n^{r-s}}\left(\frac{n}{2}\int\limits_0^{\pi/n}\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)\sin nt\,dt\right)^{m/2}\le 2^{-m/2}\,n^{-r+s}\,\Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right). \tag{3.1.12}$$

Аз (2.5.12) дар асоси таърифи (2.5.1) якбора баҳои болоии

$$\mathscr{E}^{(s)}_{n-1}\big(W^{(r)}_m(\Phi)\big)=\sup\Big\{E_{n-1}\big(f^{(s)}\big):\ f\in W^{(r)}_m(\Phi)\Big\}\le$$

$$\le 2^{-m/2}\,n^{-r+s}\,\Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right). \tag{3.1.13}$$

мебарояд. Барои ёфтани баҳои поёнии бузургии дар тарафи чапи баробарии (3.1.11) мавҷуд буда сфераи бисёраъзогиҳои тригонометрии

$$S_{n+1}:=\Big\{T_n\in\mathcal{T}_{2n+1}:\ \big\|T_n\big\|\le 2^{-m/2}\,n^{-r}\,\Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right)\Big\}$$

– ро дохил намуда, аввал нишон медиҳем, ки $S_{n+1}\subset W^{(r)}_m(\Phi)$ аст.

Азбаски барои $T_n \in S_{n+1}$

$$\omega_m^2(T_n^{(r)}, t) = \sup\left\{2^m \sum_{k=1}^{n} \rho_k^2(T_n)\, k^{2r}\big(1-\cos kt\big)^m : \ |h| \le t\right\} \le$$

$$\le 2^m\, n^{2r}\big(1-\cos nt\big)_*^m \, \big\|T_n\big\|^2 \le \big(1-\cos nt\big)_*^m\, \Phi^{2m}\left(\frac{\pi}{n}\right).$$

Нобаробарии ҳосилшударо ба функсияи $\dfrac{\pi}{2u}\sin\dfrac{\pi t}{u}$ зарб зада, дар сегменти $[0,u]$ нисбат ба t меинтегронем, он гоҳ

$$\frac{\pi}{2u}\int_0^u \omega_m^{2/m}(T_n^{(r)}, t)\,\sin\frac{\pi t}{u}\,dt \le \left\{\frac{\pi}{2u}\int_0^u \big(1-\cos nt\big)_*\,\sin\frac{\pi t}{u}\,dt\right\}\Phi^2\left(\frac{\pi}{n}\right)$$

мешавад. Дар тарафи рости нобаробарии охирон гузориши $\dfrac{\pi}{n} = \dfrac{u}{\mu}$ – ро дохил намуда, онро дар намуди зерин менависем:

$$\frac{\pi}{2u}\int_0^u \omega_m^{2/m}(T_n^{(r)}, t)\,\sin\frac{\pi t}{u}\,dt \le \frac{n}{2\mu}\Phi^2\left(\frac{u}{\mu}\right)\int_0^{\mu\pi/n}\big(1-\cos nt\big)_*\,\sin\frac{nt}{\mu}\,dt =$$

$$= \frac{1}{2\mu}\Phi^2\left(\frac{u}{\mu}\right)\int_0^{\mu\pi}\big(1-\cos t\big)_*\,\sin\frac{t}{\mu}\,dt \le \Phi^2(u).$$

Пас аз ин ҷо мебарояд, ки $S_{n+1} \subset W_m^{(r)}(\Phi)$ аст.

Акнун функсияи

$$f_1(x) = 2^{-m/2}\, n^{-r}\,\Phi^m(\pi/n)\cos nx$$

– ро дида мебароем. Азбаски барои ин функсия

$$\|f_1\| = 2^{-m/2}\, n^{-r}\,\Phi^m(\pi/n),$$

он гоҳ функсияи $f_1(x) \in S_{n+1}$ мебошад ва бинобар ҳамин $f_1(x) \in W_m^{(r)}(\Phi)$. Бо дарназардошти он, ки барои ҳамаи қиматҳои $s = 0, 1, \ldots, r$ ҳосилаи тартиби s-ум

$$f_1^{(s)}(x) = 2^{-m/2}\, n^{-r+s}\, \Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right)\cos\left(nx + \frac{s\pi}{2}\right)$$

ва

$$E_{n-1}(f_1^{(s)}) = 2^{m/2} n^{-r+s} \Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right)$$

аст, он гоҳ барои баҳодиҳии поёнӣ ҳосил мекунем:

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_m^{(r)}(\Phi)\big) \geq E_{n-1}\big(f_1^{(s)}\big) = 2^{m/2} n^{-r+s}\, \Phi^m\left(\frac{\pi}{n}\right) \tag{3.1.14}$$

Баробарии талабкардашудаи (3.1.11) аз муқоисакунии нобаробариҳои (3.1.13) ва (3.1.14) ба даст меояд.

Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки функсияи

$$\Phi(u) = u^{\alpha/2}, \quad \text{ҳангоми} \quad \alpha = \frac{\pi^2}{8} \quad \text{будан,}$$

шарти (3.1.10) – ро қаноат мекунонад (ниг., масалан [2]). Теоремаи 3.1.2 пурра исбот шуд.

§ 3.2. Оид ба қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳои $W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$, $W^{(r)}(\Phi,h)$ ва $W_1^{(r)}(\Phi,h)$

Фарз мекунем, ки $\Phi(t)$ $(t>0)$ — ихтиёри функсияи бефосилаи афзуншаванда бошад, ки барояш $\Phi(0)=0$ мебошад. Бо символи $W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$ $(m,n\in\mathbb{N};$ $0<p\le 2)$ синфи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ – ро ишора мекунем, ки барои ҳамаи қиматҳои $0<t\le 2\pi$ шарти

$$\int\limits_0^t \Omega_m^p\big(f^{(r)},\tau\big)\,d\tau \le \Phi^p(t) \tag{3.2.1}$$

– ро қаноат мекунонанд.

Бо назардошти корҳои илмии [19, 88, 124, 127], бо t_* бузургии аргументи $t\in(0,\infty)$ функсияи $\operatorname{sinc} t$ – ро ишора мекунем, ки дар он вай қимати минималиии худро доро мешавад. Ошкор аст, ки t_* қимати хурдтарин аз байни решаҳои муодилаи

$$t-\operatorname{tg} t=0 \quad (4{,}49<t_*<4{,}51)$$

мебошад. Инчунини дигар гузориши зеринро дохил мекунем:

$$\big(1-\operatorname{sinc} t\big)_* := \begin{cases} 1-\operatorname{sinc} t, & \text{агар } 0<t\le t_*; \\ 1-\operatorname{sinc} t_* & \text{агар } t\ge t_*. \end{cases}$$

Дар ин ҷо теоремаи зерин исбот карда мешавад.

Теоремаи 3.2.1. *Бигузор $m,n,r\in\mathbb{N}$, $1/r\le p\le 2$ бошанд. Агар барои ҳамаи қиматҳои $0<t\le 2\pi$ мажорантаи Φ шартҳои зеринро қаноат*

кунонад:

$$\frac{\Phi^p(t)}{\Phi^p\big(\pi/n\big)} \geq \frac{\int\limits_0^t \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{mp/2}\, d\tau}{\int\limits_0^{\pi/n} \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)^{mp/2}\, d\tau}, \tag{3.2.2}$$

он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\delta_{2n}\big(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\big) = \delta_{2n-1}\big(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\big) = E_{n-1}\big(W_{m,p}^{(r)}(\Phi)\big) =$$

$$= 2^{-m/2}\, n^{-r} \left\{ \int\limits_0^{\pi/n} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\, dt \right\}^{-1/p} \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right), \tag{3.2.3}$$

ки дар ин ҷо $\delta_n(\cdot)$ *— яке аз* n*-қутрҳои дар боло овардашуда —* $b_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $\lambda_n(\cdot)$ *ва ё* $\pi_n(\cdot)$ *мебошад. Дар ин ҳолат, маҷмуи ҳамаи мажорантаҳое, ки шарти (3.2.2) – ро қаноат мекунонанд, холӣ намебошад.*

Исбот. Дар формулаи (2.3.14) $\gamma = 0$ ва $h = \dfrac{\pi}{n}$ гузошта меёбем:

$$E_{n-1}(f) \leq 2^{-m/2} n^{-r} \left\{ \int\limits_0^{\pi/n} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\, dt \right\}^{-1/p}. \tag{3.2.4}$$

Аз нобаробарии охирон бо дарназардошти он, ки синфи функсияҳои $f \in W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$ ва ифодаи (3.0.10) баҳодиҳии болоии қимати n-қутрҳоро ҳосил мекунем:

$$\delta_{2n}\big(W^{(r)}_{m,p}(\Phi), L_2\big) \le \delta_{2n-1}\big(W^{(r)}_{m,p}(\Phi), L_2\big) \le E_{n-1}\big(W^{(r)}_{m,p}(\Phi)\big) \le$$

$$\le 2^{-m/2}\, n^{-r} \left\{ \int\limits_0^{\pi/n} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\, dt \right\}^{-1/p} \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right). \quad (3.2.5)$$

Барои баҳодиҳии поёнӣ кураи $\mathbb{B}_{2n+1}$ – ро дар зерфазои $\mathscr{T}_n$ – и бисёраъзогиҳои тригонометрии тартибашон аз n калон набуда, яъне

$$\mathbb{B}_{2n+1} :=$$

$$= \left\{ T_n(x) \in \mathscr{T}_{2n-1} : \ \|T_n\| \le 2^{-m/2}\, n^{-r} \left(\int\limits_0^{\pi/n} \big(1-\operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\, dt \right)^{-1/p} \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) \right\}$$

– ро дохил намуда, нишон медиҳем, ки кураи $\mathbb{B}_{2n+1}$ мутааллиқи синфи функсияҳои $W^{(r)}\big(\Omega_m, \Phi\big)$ мебошад.

Барои ихтиёри бисёраъзогии тригонометрии

$$T_n(x) = \frac{a_0(T_n)}{2} + \sum_{k=1}^{n} \rho_k^2(T_n) \cos\big(kx + \gamma_k\big)$$

дар асоси таърифи модули бефосилагии (2.2.1) навишта метавонем:

$$\Omega_m^2\big(T_n^{(r)}, \tau\big) = 2^m \sum_{k=1}^{n} k^{2r} \rho_k^2(T_n) \big(1-\operatorname{sinc} k\tau\big)^m. \quad (3.2.6)$$

Қайд кардан зарур аст, ки барои ҳаргуна қиматҳои $0 \le \tau < \infty$ ва $k \le n$ $(k \in \mathbb{N})$, нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\big(1-\operatorname{sinc} k\tau\big)^m \le \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^m.$$

Он гоҳ дар асоси ин нобаробарии охирон аз (3.2.6) меёбем:

$$\Omega_m\big(T_n^{(r)},\tau\big) \le 2^{m/2} n^r \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{m/2} \left\{\sum_{k=1}^{n} \rho_k^2(T_n)\right\}^{1/2} =$$

$$= 2^{m/2} n^r \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{m/2} \big\|T_n\big\|.$$

ё ин ки

$$\Omega_m\big(T_n^{(r)},\tau\big) \le 2^{m/2} n^r \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{m/2} \big\|T_n\big\|. \qquad (3.2.7)$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (3.2.7) – ро ба дараҷаи p, ки $1/r \le p \le 2$ аст, бардошта, нисбат ба тағйирёбандаи τ дар фосилаи аз $\tau = 0$ то $\tau = t$ $(0 < t \le 2\pi)$ меинтегронем, он гоҳ

$$\int_0^t \Omega_m^p\big(T_n^{(r)},\tau\big)\,d\tau \le \big\|T_n\big\|^p\, 2^{mp/2} n^{rp} \int_0^t \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{mp/2} d\tau. \qquad (3.2.8)$$

Бо дарназардошти шарти (3.2.2) барои ихтиёри бисёраъзогии $T_n \in \mathbb{B}_{2n+1}$ аз нобаробарии (3.2.8) ҳосил мекунем:

$$\int_0^t \Omega_m^p\big(T_n^{(r)},\tau\big)\,d\tau \le \frac{\Phi^p\big(\pi/n\big) \displaystyle\int_0^t \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)_*^{mp/2} d\tau}{\displaystyle\int_0^t \big(1-\operatorname{sinc} n\tau\big)^{mp/2} d\tau} \le \Phi^p(t).$$

Аз ин ҷо, дар асоси шарти (3.2.1), иҷрошавии шарти $\mathbb{B}_{2n+1} \subset W^{(r)}\big(\Omega_m,\Phi\big)$ мебарояд. Ҳамин тариқ, мувофиқи теоремаи В.М. Тихомиров дар бораи n-

қутрҳо [73, с. 239] навишта метавонем:

$$\delta_{2n}\big(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\big) \geq b_{2n}\big(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\big) \geq b_{2n}\big(\mathbb{B}_{2n+1}, L_2\big) \geq$$

$$\geq 2^{-m/2}\, n^{-r} \left\{ \int\limits_0^{\pi/n} \big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\, dt \right\}^{-1/p} \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right). \quad (3.2.9)$$

Аз муқоисакунии баҳодиҳии болоии (3.2.5) ва баҳодиҳии поёнии (3.2.9) баробарии талабкардашудаи (3.2.3) – ро ҳосил мекунем, ки бо ҳамин як қисми теоремаи 3.2.1 исбот карда мешавад.

Акнун нишон медиҳем, ки функсияи $\Phi_*(t) = t^{\alpha/p}$, ки дар ин ҷо

$$\alpha = \frac{\pi}{\int\limits_0^{\pi} \big(1 - \operatorname{sinc} n\tau\big)^{mp/2}\, d\tau} \quad (3.2.10)$$

мебошад, шарти (3.2.2) – ро барои ихтиёри $n \in \mathbb{N}$ қаноат мекунонад.

Барои идомаи таҳлилҳо, ба мо баҳогузориҳои бузургии α ҳам аз боло ва ҳам аз поён лозим хоҳанд шуд. Аз мулоҳизаҳои геометрӣ маълум аст, ки

$$\operatorname{sinc} \tau > 1 - \frac{\tau}{\pi}$$

барои ҳар як $\tau \in (0, \pi)$ мебошад. Пас, аз баробарии (3.2.10) ҳосил мекунем:

$$\alpha > \frac{\pi}{\int\limits_0^{\pi} \big(\tau/\pi\big)^{mp/2}\, d\tau} = \frac{mp}{2} + 1. \quad (3.2.11)$$

Барои баҳодиҳии болоии бузургии α нобаробарии

$$1 - \operatorname{sinc} \tau > \left(\frac{\tau}{\pi}\right)^2,$$

ки барои ҳар як $\tau \in (0,\pi)$ дуруст мебошад, истифода мебарем. Он гоҳ, аз (3.2.10) меёбем:

$$\alpha < \frac{\pi}{\int\limits_0^\pi (\tau/\pi)^{mp}\,d\tau} = mp + 1. \tag{3.2.12}$$

Шарти (3.2.2), ки барои функсияи Φ_* бояд нишон дода шавад, ба шакли зерин табдил меёбад:

$$\left(\frac{tn}{\pi}\right)^\alpha \ge \frac{\int\limits_0^t \left(1-\operatorname{sinc} n\tau\right)_*^{mp/2} d\tau}{\int\limits_0^{\pi/n} \left(1-\operatorname{sinc} n\tau\right)^{mp/2} d\tau}. \tag{3.2.13}$$

Функсияи ёридиҳандаи

$$F(t) := \left(\frac{tn}{\pi}\right)^\alpha - \frac{\int\limits_0^t \left(1-\operatorname{sinc} n\tau\right)_*^{mp/2} d\tau}{\int\limits_0^{\pi/n} \left(1-\operatorname{sinc} n\tau\right)^{mp/2} d\tau}$$

– ро дида мебароем, ки онро бо истифода аз формулаи (3.2.10) ба шакли зерин менависем:

$$F(t) = \left(\frac{tn}{\pi}\right)^\alpha - \frac{\alpha n}{\pi}\int\limits_0^t \left(1-\operatorname{sinc} n\tau\right)_*^{mp/2} d\tau. \tag{3.2.14}$$

Нишон медиҳем, ки барои ҳаргуна $0 \le t \le 2$ функсияи $F(t) \ge 0$ мебошад. Ин ба иҷро шудани нобаробарии (3.2.13) эквивалент хоҳад буд. Таҳлилро барои се ҳолат мегузаронем:

а) $0 \le t \le \pi/n$;   б) $\pi/n \le t \le t_*/n$;   в) $t_*/n \le t \le 2\pi$.

Ҳолати а)-ро баррасӣ мекунем. Аз формулаи (3.2.14) ва нобаробарии

$$\sin\tau \geq \tau - \frac{\tau^3}{6} \qquad (\tau \geq 0)$$

истифода бурда, ба натиҷаи зерин мерасем:

$$F(t) \geq \left(\frac{tn}{\pi}\right)^{\alpha} - \frac{\alpha n}{\pi}\int\limits_0^t \left(\frac{n\tau}{6}\right)^{mp} d\tau =$$

$$= \left(\frac{tn}{\pi}\right)^{\alpha}\left(1 - \frac{\alpha\,\pi^{\alpha-1}\,n^{mp+1-\alpha}}{(mp+1)\sqrt{6^{mp}}}\,t^{mp+1-\alpha}\right). \quad (3.2.15)$$

Аз нобаробариҳои (3.2.12) ва (3.2.15) мебарояд, ки ҳангоми $t \to 0+0$ функсияи $F(t)$ қиматҳои мусбатро қабул мекунад. Исбот мекунем, ки $F(t)$ дар интервали $(0,\pi/n)$ аломати худро тағйир намедиҳад. Барои ҳамин, аз баръаксӣ фарз мекунем, ки чунин нуқтаи $\xi \in (0,\pi/n)$ мавҷуд аст, ки ҳангоми гузаштани аргументи t аз он, функсияи $F(t)$ аломати худро иваз мекунад.

Азбаски, тибқи формулаҳои (2.3.17) ва (3.2.14), $F(0) = F(\pi/n) = 0$, пас мувофиқи теоремаи Ролл, ҳосилаи тартиби якум

$$F'(t) = \frac{\alpha n}{\pi}\left\{\left(\frac{tn}{\pi}\right)^{\alpha-1} - \big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}\right\} \quad (3.2.16)$$

дар интервали $\big(0,\pi/n\big)$ бояд дорои на кам аз ду нолҳои гуногун бошад. Аз формулаи (3.2.16) мебарояд, ки чунин миқдори нолҳои гуногун дар интервали $\big(0,\pi/n\big)$ ва дар ҳамон нуқтаҳо инчунин функсияи зерин ҳам доро мебошад:

$$G(t) := \left(\frac{tn}{\pi}\right)^{2(\alpha-1)/(mp)} - 1 + \operatorname{sinc} nt. \quad (3.2.17)$$

Дар асоси ҳудуди шоёни диққати якум барои функсияи $g(t) = \operatorname{sinc} t$ $g(0) = 1$ мегузорем. Дар асоси ин аз ифодаи (3.2.17) ҳосил мекунем: $G(0) =$

$G(\pi/n = 0$. Пас, функсияи G дар порчаи $[0, \pi/n]$ на камтар аз чор решаи гуногун дорад. Азбаски функсияи (3.2.17) – ро дар намуди

$$G(t) = \frac{1}{nt} G_1(t)$$

навиштан мумкин аст, ки дар ин ҷо

$$G_1(t) := \left(\frac{1}{\pi}\right)^{2(\alpha-1)/(mp)} \big(tn\big)^{2(\alpha-1)/(mp)+1} - nt + \sin nt \qquad (3.2.18)$$

аст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки функсияи $G_1(t)$ низ дар порчаи $[0, \pi/n]$ набояд камтар аз чор решаи гуногун дошта бошад. Аз теоремаи Ролл мебарояд, ки ҳосилаи тартиби якуми функсияи $G_1(t)$, яъне

$$G_1'(t) = \left(\frac{1}{\pi}\right)^{2(\alpha-1)/(mp)} n^{2(\alpha-1)/(mp)+1} \times$$

$$\times \left(\frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp} + 1\right) t^{2(\alpha-1)/(mp)} + n\big(\cos nt - 1\big) \quad (3.2.19)$$

ҳатман бояд дар интервали $(0, \pi/n)$ на камтар аз дар се нуқтаҳои гуногун ба нол баробар шавад. Азбаски $G_1'(0) = 0$ аст, он гоҳ дар асоси андешаҳои боло функсияи

$$G_1''(t) = \left(\frac{1}{\pi}\right)^{2(\alpha-1)/(mp)} n^{2(\alpha-1)/(mp)+1} \times$$

$$\times \left(\frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp} + 1\right) \cdot \frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp} t^{2(\alpha-1)/(mp)-1} - n^2 \sin nt \quad (3.2.20)$$

бояд дар интервали $(0, \pi/n)$ на камтар аз се нолҳои гуногун дошта бошад. Дар асоси нобаробариҳои (3.2.11) ва (3.2.20) ҳосил мекунем, ки $G_1''(0) = 0$.

Ин маънои онро дорад, ки функсияи

$$G_1'''(t) = \left(\frac{1}{\pi}\right)^{2(\alpha-1)/(mp)} \quad n^{2(\alpha-1)/(mp)+1}\left(\frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp}+1\right)\cdot\frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp}\times$$

$$\times\left(\frac{2\big(\alpha-1\big)}{mp}-1\right)t^{2(\alpha-1)/(mp)-2} - n^3\cos nt.$$

дар интервали $(0, \pi/n)$ на камтар аз се решаҳои гуногун дорад.

Аз нобаробарии (3.2.12) ва формулаи охирон бармеояд, ки функсияи $G_1'''(t)$ фарқи байни функсияи мусбати фурӯхамидаи дараҷагии камшаванда ва функсияи тригонометрии монотони камшаванда, ки ҳангоми гузаштан аз нуқтаи $\pi/(2n)$ аломати худро аз мусбат ба манфӣ иваз мекунад ва самти хамии он аз барҷаста ба фурӯхамида табдил меёбад. Аз ин бармеояд, ки функсияи $G_1'''(t)$ дар интервали $(0, \pi/n)$ на зиёда аз ду нуқтаи гуногунро дошта метавонад ба нол баробар гардад. Зиддияти бадастомада дурустии нобаробарии (3.2.13) барои $0 \le t \le \pi/n$ нишон медиҳад.

Акнун ҳолати б) – ро дида мебароем. Аз баръаксӣ фарз мекунем, ки функсияи (3.2.14) дар нимсегменти $(\pi/n,\ t_*/n]$ қиматҳои мусбатро қабул мекунад. Бигузор чунин нуқтаи $\eta \in (\pi/n,\ t_*/n]$ мавҷуд бошад, ки ҳангоми гузаштан аз он аргументи t-и функсияи $F(t)$ аломаташро иваз мекунад. Азбаски $F(\pi/n) = 0$ мебошад, он гоҳ дар асоси теоремаи Ролл функсияи $F'(t)$ ва ҳамин тавр функсияи $G_1(t)$, ки ба воситаи формулаи (3.2.18) муайян карда мешавад, дар интервали $(\pi/n,\ t_*/n)$ бояд, ақаллан як нуқтаи нулӣ дошта бошад. Бо дарназардошти он, ки $G_1(\pi/n) = 0$, он гоҳ дар асоси мулоҳизаҳои монанд, ҳосилаи тартиби якуми $G_1'(t)$ инчунин дар интервали $(\pi/n,\ t_*/n)$ бояд на кам аз як нуқтаи нулӣ дошта бошад. Дар асоси формулаи (3.2.19) ва нобаробарии (3.2.11) ҳосилаи $G'_1(t)$ суммаи ду функсияҳои монотони афзуншавандаи фурӯхамида, ки ки якумаш қиматҳои мусбат ва дуюмаш манфиро қабул мекунад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки

$$\min\Big\{\,G'_1(t):\ \pi/n\le t\le t_*/n\Big\}=G'_1(\pi/n). \tag{3.2.21}$$

Аз муносибатҳои (3.2.19) ва (3.2.11) мебарояд, ки

$$G'_1(\pi/n)=n\left(\frac{2(\alpha-1)}{mp}-1\right)>0.$$

Пас, мувофиқи формулаи (3.2.19) ҳосилаи функсияи $G'_1(t)>0$ барои ҳаргуна $t\in(\pi/n,\,t_*/n)$ мебошад. Зиддияти ҳосилшуда, дар робита бо он ҳосил шуд, ки функсияи $G'_1(t)$ дар интервали дода шуда бояд ақаллан як нуқтаи нулӣ медошт, дурустии нобаробарии (3.2.13) – ро барои ҳолати б) исбот мекунад.

Ҳоло ҳолати в) – ро дида мебароем. Барои $t_*/n\le t\le 2\pi$ функсияи (3.2.14) намуди зеринро мегирад:

$$F(t)=\left(\frac{tn}{\pi}\right)^{\alpha}-1-\frac{\alpha n}{\pi}\int\limits_{\pi/n}^{t_*/n}\big(1-\operatorname{sinc}n\tau\big)^{mp/2}\,d\tau-$$
$$-\frac{\alpha n}{\pi}\big(1-\operatorname{sinc}t_*\big)^{mp/2}\left(t-\frac{t_*}{n}\right).$$

Аз ин ҷо

$$F'(t)=\frac{\alpha n}{\pi}\left\{\left(\frac{nt}{\pi}\right)^{\alpha-1}-\big(1-\operatorname{sinc}t_*\big)^{mp/2}\right\}. \tag{3.2.22}$$

Мувофиқи нобаробарии (3.2.11) функсияи (3.2.22) монотони афзуншаванда мебошад ва

$$\min\Big\{F'(t):\ t_*/n\le t\le 2\pi\Big\}=F'(t_*/n). \tag{3.2.23}$$

Барои фосилаи $\pi \le t \le 2\pi$ нобаробарии

$$\sin t \ge t\left(1-\frac{t}{\pi}\right)$$

ҷой дорад, яъне аз ин ҷо

$$\operatorname{sinc} t \ge 1-\frac{t}{\pi}$$

мебошад. Он гоҳ дар асоси ин нобаробарӣ ва формулаи (3.2.11) навишта метавонем:

$$F'\left(\frac{t_*}{n}\right)=\frac{\alpha n}{\pi}\left\{\left(\frac{t_*}{\pi}\right)^{\alpha-1}-\big(1-\operatorname{sinc} t_*\big)^{mp/2}\right\}>$$

$$>\frac{\alpha n}{\pi}\left\{\left(\frac{t_*}{\pi}\right)^{mp/2}-\big(1-\operatorname{sinc} t_*\big)^{mp/2}\right\}\ge 0.$$

Бо дарназардошти ифодаи (3.2.23), ин маънои онро дорад, ки дар порчаи $[t_*/n, 2\pi]$ функсияи $F(t)$ монотони афзуншаванда мебошад. Азбаски, мувофиқи ҳолати б), $F\big(t_*/n\big)>0$, пас дар маҷмуи нуқтавии мавриди баррасӣ қарор дошта, функсияи $F(t)$ мусбат мебошад, ки ин иҷро шудани нобаробарии (3.2.13) – ро дар ҳолати $t_*/n \le t \le 2\pi$ нишон медиҳад. Теоремаи 3.2.1 пурра исбот карда шуд.

Акнун барои ихтиёри $r\in\mathbb{Z}_+$ ва $h>0$ синфҳои функсияҳои зеринро дохил мекунем:

$$W^{(r)}\big(\Phi,h\big)=\left\{f\in L_2^{(r)}:\ \left(\frac{1}{h}\int\limits_0^h\omega^2\big(f^{(r)},t\big)\,dt\right)^{1/2}\le\Phi(h)\right\};$$

$$W_1^{(r)}\big(\Phi,h\big)=\left\{f\in L_2^{(r)}:\ \left(\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h(h-t)\omega^2\big(f^{(r)},t\big)\,dt\right)^{1/2}\le\Phi(h)\right\}.$$

Барои синфҳои дохил шуда, теоремаҳои зерин исбот карда шудаанд.

Теоремаи 3.2.2. *Агар мажорантаи $\Phi(h)$ барои ҳаргуна қиматҳои $h \in \mathbb{R}_+$, $n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ шарти*

$$\frac{\Phi(h)}{\Phi\big(\pi/(2n)\big)} \geq \frac{\pi}{\pi-2} \cdot \begin{cases} \dfrac{nh - \sin nh}{nh}, & \text{агар} \quad 0 < nh \leq \pi, \\ \dfrac{3nh - 2\pi}{nh}, & \text{агар} \quad nh > \pi \end{cases} \tag{3.2.24}$$

– ро қаноат кунонад, он гоҳ баробариҳои зерин ҷой доранд:

$$\lambda_n\big(W^{(r)}(\Phi,h), L_2\big) = E_{n-1}\big(W^{(r)}(\Phi,h), L_2\big) =$$

$$= \left\{\frac{\pi}{2\big(\pi-2\big)} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right\}^{1/2} \cdot \frac{1}{n^r}\,, \tag{3.2.25}$$

ки дар ин ҷо $\lambda_n(\cdot)$ — яке аз n-қутрҳои дар боло овардашуда — $b_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$ ва ё $\pi_n(\cdot)$ мебошад. Маҷмуи ҳамаи функсияҳои мажорантӣ, ки шарти (3.2.24) *– ро қаноат мекунонанд, холӣ намебошад.*

Исбот. Аз баробарии (2.6.2) нобаробарии зеринро навишта метавонем:

$$E_{n-1}(f) \leq \left\{\frac{nh}{2\big(nh - \sin nh\big)}\right\}^{1/2} \cdot \frac{1}{n^r} \left(\frac{1}{h}\int\limits_0^h \omega^2(f^{(r)}, t)dt\right)^{1/2}.$$

Дар тарафи рости нобаробарии ҳосилшуда қимати $h = \pi/n$ – ро гузошта, бо дар назар гирифтани таърифи синфи $W^{(r)}(\Phi, h)$ ва муносибати (3.0.10) меёбем:

$$\delta_n\big(W^{(r)}(\Phi,h),L_2\big)\le E_{n-1}\big(W^{(r)}(\Phi,h),L_2\big)=$$

$$=\sup\Big\{E_{n-1}(f):\ f\in W^{(r)}(\Phi,h)\Big\}\le\left\{\frac{\pi}{2\big(\pi-2\big)}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r}\,. \quad (3.2.26)$$

Ҳангоми ёфтани баҳодиҳии поёнӣ, аввал нишон медиҳем, ки барои ҳаргуна $n\in\mathbb{N}$ сфераи $(2n+1)$-ченакаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ

$$\mathbb{S}_{2n+1}:=\left\{T_n(x)\in\mathcal{T}_{2n+1}:\ \big\|T_n\big\|=\left\{\frac{\pi}{2\big(\pi-2\big)}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r}\right\}$$

ба синфи $W^{(r)}(\Phi,h)$ дохил мешавад. Мувофиқи шарти аввали нобаробарии (3.2.24), барои ҳаргуна $0<nh\le\pi$ ва ихтиёри $T_n\in\mathbb{S}_{2n+1}$ ҳосил мекунем:

$$\frac{1}{h}\int\limits_0^h\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt\le\frac{1}{h}\int\limits_0^h\left(2\sin\frac{nt}{2}\right)^2 n^{2r}\big\|T_n\big\|^2dt=$$

$$=\frac{2\big(nh-\sin nh\big)}{nh}\cdot n^{2r}\big\|T_n\big\|^2=\frac{\pi}{nh}\cdot\frac{nh-\sin nh}{\pi-2}\,\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\le\Phi(h)\,. \quad (3.2.27)$$

Агар $nh>\pi$ бошад, он гоҳ шарти дуюми нобаробарии (3.2.24) – ро истифода бурда, навишта метавонем:

$$\frac{1}{h}\int\limits_0^h\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt\le\frac{n}{\pi}\int\limits_0^{\pi/n}\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt+\frac{1}{h}\int\limits_{\pi/n}^h\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt\le$$

$$\le\frac{\pi}{\pi-2}\cdot\left\{1+2\left(1-\frac{\pi}{nh}\right)\right\}\,\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)=$$

$$=\frac{\pi}{nh}\cdot\frac{3nh-2\pi}{\pi-2}\,\Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\le\Phi(h)\,. \quad (3.2.28)$$

Аз нобаробариҳои (3.2.27) ва (3.2.28) мебарояд, ки $\mathbb{S}_{2n+1} \subset W^{(r)}(\Phi, h)$ мебошад, ки аз ин ҷо мувофиқи теоремаи В.М. Тихомиров [73, с. 239] ва таърифи n-қутри бернштейнӣ менависем:

$$b_{2n-1}\big(W^{(r)}(\Phi, h), L_2\big) \geq b_{2n}\big(W^{(r)}(\Phi, h), L_2\big) \geq$$

$$\geq b_{2n}\big(\mathbb{S}_{2n+1}, L_2\big) = \left\{\frac{\pi}{2\big(\pi-2\big)} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2n}\right)\right\}^{1/2} \cdot \frac{1}{n^r}, \quad (3.2.29)$$

Ҳудуди болоии (3.2.26) – ро бо ҳудуди поёнии (3.2.29) муқоиса намуда, баробарии зарурии (3.2.25) – ро ба даст меорем.

Қайд мекунем, ки функсияи $\Phi(h) = h^\alpha$, дар ин ҷо $\alpha = \dfrac{2}{\pi-2}$, шарти (3.2.24)-и теоремаи 3.2.2 – ро қаноат мекунонад.

Дар ҳақиқат, аввал иҷрошавии шарти якуми нобаробарии (3.2.24) – ро нишон медиҳем. Бо ин мақсад, $2nh/\pi = \mu$ гузошта, шарти додашударо дар намуди

$$\mu^{\alpha+1} \geq \frac{\pi}{\pi-2}\left(\mu - \frac{2}{\pi}\sin\frac{\mu\pi}{2}\right), \quad 0 \leq \mu \leq 2 \quad (3.2.30)$$

менависем. Функсияи ёридиҳандаи

$$\varphi(\mu) = \mu^{\alpha+1} - \frac{\pi}{\pi-2}\left(\mu - \frac{2}{\pi}\sin\frac{\mu\pi}{2}\right) \quad (3.2.31)$$

– ро дида мебароем. Бигузор дар аввал $0 \leq \mu \leq 1$ бошад. Нишон медиҳем, ки дар ин ҳолат барои ҳамаи қиматҳои $\mu \in [0, 1]$ функсияи $\varphi(\mu) \geq 0$ мебошад.

Азбаски, ҳангоми $\varphi(\mu) \to 0+$

$$\varphi(\mu) = \mu^{\alpha+1}\big(1 - O(\mu^{2-\alpha})\big),$$

он гоҳ дар атрофи кифоя хурди нол $\varphi(\mu) > 0$ мешавад. Ва агар дар ягон нуқтаи $\xi \in (0,1)$ функсияи $\varphi(\mu)$ аломаташро иваз мекард, пас бо назардошти $\varphi(0) = \varphi(1) = 0$ ҳосилаи

$$\varphi'(\mu) = (\alpha+1)\mu^{\alpha} - \frac{\pi}{\pi-2}\left(1-\cos\frac{\mu\pi}{2}\right) = (\alpha+1)\left(\mu^{\alpha}+\cos\frac{\mu\pi}{2}-1\right)$$

на кам аз ду нуқтаи нулиро дар интервали $(0,1)$ медошт. Ғайр аз ин, $\varphi'(0) = \varphi'(1) = 0$, он гоҳ ҳосилаи тартиби дуюми функсия

$$\varphi''(\mu) = (\alpha+1)\left(\alpha\mu^{\alpha-1} - \frac{\pi}{2}\sin\frac{\mu\pi}{2}\right)$$

ҳатман бояд дар интервали $(0,1)$ ақаллан се нуқтаи нулӣ дошта бошад ва ғайр аз ин $\varphi''(0) = 0$ мешавад. Аз ин ҷо мебарояд, ки ҳосилаи тартиби сеюм

$$\varphi'''(\mu) = (\alpha+1)\left(\alpha(\alpha-1)\mu^{\alpha-2} - \left(\frac{\pi}{2}\right)^2\cos\frac{\mu\pi}{2}\right)$$

дар интервали $(0,1)$ дорои се нуқтаи нулӣ мебошад, ки ин ғайриимкон аст, чунки функсияи $\varphi'''(\mu)$ фарқи функсияи фурӯхамида ва барҷаста мебошад.

Агар $1 < \mu \leq 2$ бошад, он гоҳ аз шарти $\varphi(1) = \varphi'(1) = 0$ ва $\varphi''(\mu) > 0$ якбора мебарояд, ки $\varphi(\mu) > 0$ аст.

Агар $\mu > 2$ бошад, он гоҳ аз нобаробарии дуюми шарти (3.2.24) меёбем:

$$\mu^{\alpha+1} \geq \frac{2}{\pi-2}\left(\frac{3\pi}{2}-\mu\right) := (\alpha+1)\left(\frac{3\pi}{2}-\mu\right). \qquad (3.2.32)$$

Пас, функсияи ёридиҳандаи

$$\varphi_1(\mu) = \mu^{\alpha+1} - (\alpha+1)\left(\frac{3\pi}{2}-\mu\right)$$

– ро дохил намуда,

$$\varphi_1'(\mu) = (\alpha+1)\mu^{\alpha}\big(\mu^{\alpha}+1\big) > 0$$

– ро ҳосил мекунем. Вале ин маънои онро дорад, ки нобаробарии (3.2.32) барои ҳар як қимати $\mu \in (2,+\infty)$ иҷро мешавад ва ба ҳамин тартиб, теоремаи 3.2.2 пурра исбот мегардад.

Тасдиқоти дигари зерин ҷой дорад.

Теоремаи 3.2.3. *Бигузор мажорантаи* $\Phi(h)$ *барои ҳаргуна қиматҳои* $h \in \mathbb{R}_+$, $n \in \mathbb{N}$ *ва* $r \in \mathbb{Z}_+$ *шарти*

$$\frac{\Phi(h)}{\Phi\big(\pi/n\big)} \geq \frac{\pi^2}{\pi^2-4} \cdot \begin{cases} 1-\left(\dfrac{2}{nh}\sin\dfrac{nh}{2}\right)^2, & \text{агар} \quad 0 < nh \leq \pi, \\ 1-\dfrac{4}{\pi^2}+2\left(1-\dfrac{\pi}{nh}\right)^2, & \text{агар} \quad nh > \pi \end{cases} \tag{3.2.33}$$

– ро қаноат кунонад. Он гоҳ баробариҳои зерин ҷой доранд:

$$\delta_n\big(W_1^{(r)}(\Phi,h),L_2\big) = E_{n-1}\big(W_1^{(r)}(\Phi,h),L_2\big) =$$

$$= \frac{1}{\sqrt{2}}\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r}\,, \tag{3.2.34}$$

ки дар ин ҷо $\delta_n(\cdot)$ *— ихтиёри аз* n*-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад. Маҷмуи мажорантаҳое, ки шарти* (3.2.33) *– ро қаноат мекунонанд, холӣ намебошад.*

Исбот. Барои баҳодиҳии болоии n-қутрҳои дар боло дохил шуда, нобаробариеро, ки аз муносибати (2.6.11) мебарояд, истифода мебарем:

$$E_{n-1}(f) \leq$$

$$\leq \frac{1}{\sqrt{2}}\left\{1-\left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}^{-1/2}\cdot\frac{1}{n^r}\left\{\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h \omega^2(f^{(r)},t)\,dt\right\}^{1/2}. \tag{3.2.35}$$

Аз нобаробарии (3.2.35), ҳангоми $h = \pi/n$, бо дарназардошти таърифи синфи $W_1^{(r)}(\Phi, h)$ баҳодиҳии болоии

$$\delta_n\big(W_1^{(r)}(\Phi,h),L_2\big) \le E_{n-1}\big(W_1^{(r)}(\Phi,h),L_2\big) \le$$

$$\le \frac{1}{\sqrt{2}}\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r} \quad (3.2.36)$$

– ро ҳосил мекунем. Барои баҳодиҳии поёнӣ сфераи $(2n+1)$-ченакаи

$$\sigma_{2n+1} = \left\{T_n(x)\in\mathcal{T}_{2n+1}:\ \frac{1}{\sqrt{2}}\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r}\right\}$$

– ро дохил намуда, нишон медиҳем, ки σ_{2n+1} ба синфи функсияҳои $W_1^{(r)}(\Phi,h)$ дохил мебошад. Мутобиқи нобаробарии якуми шарти (3.2.35), ҳангоми $0 < nh \le \pi$ меёбем:

$$\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt \le 2n^{2r}\|T_n\|^2\left(\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\big(1-\cos nt\big)\,dt\right) =$$

$$= \frac{\pi^2}{\pi^2-4}\left\{1-\left(\frac{2}{nh}\sin\frac{nh}{2}\right)^2\right\}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) \le \Phi(h). \quad (3.2.37)$$

Агар $nh > \pi$ бошад, он гоҳ нобаробарии дуюми шарти (3.2.35) – ро истифода бурда, менависем:

$$\frac{2}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt \le$$

$$\le 2\left(\frac{n}{\pi}\right)^2\int\limits_0^{\pi/n}\left(\frac{\pi}{n}-t\right)\omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt + \frac{2}{h^2}\int\limits_{\pi/n}^h \omega^2\big(T_n^{(r)},t\big)\,dt \le$$

$$\leq \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) + 2\cdot\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\left(1-\frac{\pi}{nh}\right)^2\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) =$$

$$= \frac{\pi^2}{\pi^2-4}\left\{1-\frac{4}{\pi^2}+2\left(1-\frac{\pi}{nh}\right)^2\right\}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) \leq \Phi(h). \quad (3.2.38)$$

Аз нобаробариҳои (3.2.37) ва (3.2.38) шарти $\sigma_{2n+1} \subset W_1^{(r)}(\Phi, h)$ мебарояд. Пас, аз ин ҷо дар асоси таърифи n-қутри бернштейнӣ ҳосил мекунем:

$$b_{2n-1}\big(W_1^{(r)}(\Phi,h), L_2\big) \geq b_{2n}\big(W_1^{(r)}(\Phi,h), L_2\big) \geq$$

$$\geq b_{2n}\big(\sigma_{2n+1}, L_2\big) \geq \frac{1}{\sqrt{2}}\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)\right\}^{1/2}\cdot\frac{1}{n^r}. \quad (3.2.39)$$

Аз муқоисакунии нобаробариҳои (3.2.36) ва (3.2.39) баробарии талабкардашудаи (3.2.34) – ро ба даст меорем.

Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки функсияи $\Phi(h) = h^\alpha,\ \alpha = \dfrac{8}{\pi^2-4}$ шарти (3.2.33) – ро қаноат мекунонад, ки бо ҳамин теоремаи 3.2.3 пурра исбот мегардад.

Муҳокимаи натиҷаҳои гирифташуда

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ ин теоремаҳои 2.2.1, 2.4.1, 2.6.1, 3.1.1, 3.1.2, 3.2.1, 3.2.2, 3.2.3 ва натиҷаҳои аз онҳо гирифташуда, ба монанди 2.3.1, 2.3.3, 2.3.4, 2.3.5 ва ҳоказоҳо мебошанд.

Чи хеле, ки қайд кардем, ёфтани доимиҳои аниқ ва ё ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи аппроксиматсия роли ниҳоят муҳимро мебозанд. Дар ин ҷо ҳар як масъалаи нави ҳалшудаи экстремалӣ ба ягон усули нави ҳалли масъала оварда мерасонад.

Дар кори диссертатсионии масъалаи мазкур дида баромада шуда, ёфтани сарҳади аниқи болии наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнииии онҳо дар баъзе синфи функсияҳое, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашуда муайян мегарданд, тадқиқ карда мешавад. Илова бар ин, қимати аниқи наздиккунии муштараки беҳтарини баъзе синфи функсияҳо муайян карда шудааст.

Барои тавсифи характеристикаи суфтагии функсияҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунӣ модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби олӣ барои функсияи $f \in L_2$ истифода бурда мешавад, яъне характеристикаи суфтагии намуди

$$\Omega_m(f,t)_2 = \left\{ \frac{1}{t^m} \int_0^t \cdots \int_0^t \|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \right\}^{1/2}$$

истифода бурда шавад, ки дар ин ҷо $t > 0$, $\overline{h} := (h_1, \cdots, h_m)$; $\Delta_{\overline{h}}^m = \Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1$; $\Delta_{h_j}^1 f(x) := f(x + h_j) - f(x)$, $j = \overline{1, m}$ мебошад.

Аз ҳамин сабаб, ҳисоб кардани доимии аниқ

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t) := \sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\neq\text{const}}} \frac{n^r E_{n-1}(f)}{\Omega_m\big(f^{(r)}, t/n\big)}, \quad 0 < t \leq 2\pi$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкини намуди

$$E_{n-1}(f) \leq \mathbb{K}_{m,n,r}(t)\frac{1}{n^r}\,\Omega_m\big(f^{(r)}, t/n\big)$$

таваҷҷуҳи махсусро ба худ ҷалб менамояд.

Барои ҳаргуна қиматҳои $n, m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ и $t \in (0, \pi/2]$ С.Б. Вакарчук дар кори [19] исбот кард, ки баробарии

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t) = \left\{2\left(1 - \frac{\sin t}{t}\right)\right\}^{-m/2} \tag{4.0.1}$$

ҷой дорад ва дар ҳолати хусусӣ нишон дод, ки

$$\mathbb{K}_{m,n,r}\left(\frac{\pi}{2}\right) = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}. \tag{4.0.2}$$

Бо мақсади умуми намудани натиҷаи дар кори А.А. Лигун [46] овардашуда М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов характеристикаи экстремалии зеринро тадқиқ карда буданд [86]:

$$\chi_{m,n,r,p,s}(\varphi, h) =$$

$$= \sup\left\{\frac{E_{n-1}(f)_2}{\left(\int\limits_0^h \omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\,\varphi(t)dt\right)^s} : \quad f \in L_2^{(r)},\ f \neq \text{const}\right\}, \tag{4.0.3}$$

ки дар ин ҷо $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, p, s – ададҳои мусбат, $0 < h \leq \pi/n$ ва функсияи $\varphi(t)$ ҳамаи шартҳои дар нобаробарии дучандаи А.А. Лигун овардашударо қаноат мекунонад. Дар кори [86] дурустии ифодаи

$$\left\{\mathscr{A}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \le \chi_{m,n,r,p,1/p}(\varphi,h) \le \left\{\inf_{n\le k<\infty} \mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \qquad (4.0.4)$$

нишон дода шудааст, ки дар ин ҷо $0 < p \le 2;\ 0 < h \le \pi/n$ ва

$$\mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h (1-\cos kt)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{1/p}.$$

Барои умумӣ намудани натиҷаи (4.0.4) ба андешаи мо, дар мувофиқа бо ифодаи (4.0.3), омӯзиши характеристикаи экстремалии

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,s}(\varphi,h) :=$$

$$:= \sup\left\{\frac{E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^s} :\quad f\in L_2^{(r)},\ f\ne \mathrm{const}\right\} \qquad (4.0.5)$$

ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ин ҷо ададҳои $m,n\in\mathbb{N},\ r\in\mathbb{Z}_+,\ p,s\in\mathbb{R}_+\setminus\{0\};\ 0 < h \le \pi/n;\ \varphi(t)$ — функсияи ғайриманфии ченшавандаи дар порчаи $[0,h]$ суммиронидашванда ва ба нол ғайриэквивалент мебошад.

Дар ҳамаи ҳолатҳои минбаъда ҳангоми ҳисоб кардани қимати сарҳади саҳеҳи болоӣ дар муносибатҳои умумӣ барои ҳамаи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$ фарз карда мешавад, ки $f\ne\mathrm{const}$ мебошад. Ишораҳои

$$\operatorname{sinc} t := \begin{cases} \dfrac{\sin t}{t}, & \text{если } t\ne 0,\\ 1, & \text{если } t=0. \end{cases}$$

дохил карда шуда, як навъ теоремаи умумикардашудаи натиҷаи (4.0.5) бо характеристикаи экстремалии (4.0.4) исбот карда мешавад.

Яке аз натиҷаҳои асосии боби дуюми параграфи 1.1 теоремаи 2.2.1 мебошад, ки дар он қайд шудааст, ки барои ҳаргуна қиматҳои $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0p > 0$, $0 < h \leq \pi/n$ ва функсияи ғайриманфии ченшаванда ва дар порчаи $[0, h]$ суммиронидашавандаи ба нол ғайриэквиваленти φ баробарии зерин

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) =$$

$$= \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\, \varphi(t)dt\right)^{1/p}} = \frac{1}{\inf\limits_{n \leq k < \infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)}, \tag{4.0.6}$$

ҷой дорад, ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2} \left(k^{rp} \int\limits_0^h (1 - \operatorname{sinc} kt)^{mp/2}\, \varphi(t)dt\right)^{1/p}$$

мебошад.

Аз теоремаи 2.2.1 натиҷаи 2.3.1 гирифта шудааст, ки дар он барои ҳаргуна $0 < h \leq 3\pi/(4n)$ ва ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи 2.2.1 дурустии баробарии

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) = \left\{\mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}. \tag{4.0.7}$$

исбот карда шудааст.

Дар ҳолати хусусӣ, агар дар формулаи (4.0.7) қимати $p = 2$ ва $\varphi(t) \equiv 1$ гузорем, он гоҳ яке аз натиҷаҳои асосии Шабозов М.Ш., Вакарчук С.Б. ва

Забутная В.И. – ро, ки дар кори кори [88] оварда шудааст, ҳосил мекунем.

Аз теоремаи 2.2.1 инчунин натиҷаи 2.3.4 ба даст оварда шудааст, ки дар он дурустии формулаи

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{2^{m/2}\, n^r E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^a \Omega_m^p(f^{(r)}, t/n)\, t^{rp-1} q_1(t)dt\right\}^{1/p}} = \left\{\Phi_{m,r,p}(a, t^{rp-1}q_1(t), 1)\right\}^{-1/p}. \tag{4.0.8}$$

исбот карда шудааст. Ҳангоми $p = 2$ натиҷаи 2.3.4 дар кори машҳури А.А. Лигун [46] исбот карда шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар кори диссертатсионӣ инчунин нишон додани дурустии баробарии

$$\inf_{n\le k<\infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) = \mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi) \tag{4.0.9}$$

яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Барои ифодаи $\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)$, ки дар матни теоремаи 2.2.1 оварда шуда буд, муайян карда тавонистем, ки функсияи φ бояд барои ҳаргуна қиматҳои $r \in \mathbb{N}$, $1/r \le p \le 2$ ва ихтиёри $t \in (0, h)$ шарти

$$(rp-1)\varphi(t) - t\varphi'(t) \ge 0$$

– ро қаноат кунонад, то ин ки баробарии (4.0.9) иҷро гардад.

